*Конститутсия - кафолати рушди ҷомеаи адолатпарвар ва волоияти қонун*

# Садои мардум

Нашрияи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон | №85 (2912) | СЕШАНБЕ, 3 ИЮЛИ СОЛИ 2012 | Соли бисту дуюми нашр | Аз 1 январи соли 1991 чоп мешавад





## Маҷлиси Ҳукумат

**28 июни соли 2012 таҳти раёсати Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси Ҳукумати кишвар Эмомалӣ Раҳмон маҷлиси навбатии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардид.**

Дар он аз ҷумла ҳисоботи вазири кишоварзӣ оид ба рафти татбиқи амалии Барномаи рушди соҳаи паррандапарварӣ барои солҳои 2007- 2015, ҳисоботи раиси ноҳияи Ишкошими Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон оид ба иҷрои Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ» ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот» шунида шуд.

Ҳамчунин номгӯйи самтҳои таълим (ихтисос), ки аз рӯйи онҳо имкони дарёфти таҳсилоти олии касбӣ дар шакли таҳсили шабона ва ғоибона мумкин нест, дурнамои нишондиҳандаҳои макроиқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013 – 2015, Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2020, Барномаи рушди забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2012 – 2016, Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии ноҳияи Ҳисор барои солҳои 2012 – 2016 ва нақшаи генералии шаҳраки Ҳисори ноҳияи Ҳисор ва маркази ноҳияи Ишкошими Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон тасдиқ карда шуд.

*www.prezident.tj*

## Қарори

### Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Дар бораи даъвати Иҷлосияи даҳуми Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати чорум**

Мутобиқи моддаи 24 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» **қарор мекунам:**

Иҷлосияи даҳуми Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати чорум 19 июли соли 2012 соати 9[00] дар шаҳри Душанбе даъват карда шавад.

**Раиси Маҷлиси миллии**
**Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон М.УБАЙДУЛЛОЕВ**
**ш.Душанбе, 29 июни соли 2012 №11**

Шӯрои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон хабар медиҳад, ки ба баррасии Иҷлосияи даҳуми Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати чорум масъалаҳои зерин пешниҳод карда мешаванд:

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҷамъоварӣ, нигоҳдорӣ ва истифодабарии оқилонаи захираҳои генетикии набототи корам»

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тайёр намудани мутахассисон бо назардошти талаботи бозори меҳнат»

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйирот ба Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон»

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ»

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи милитсия».

Ҳамзамон баррасии дигар қонунҳою санадҳои ҳуқуқии вобаста ба масъалаҳои ҳаёти иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии кишвар дар назар дошта шудааст.

## Таъиноти кадрӣ

**30 июни соли 2012 Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон як зумра кадрҳои ба вазифаҳои нав пешниҳодшудаи соҳаҳои прокуратура ва мақомоти корҳои дохилиро барои сӯҳбат ба ҳузур пазируфт.**

Ҳамин тариқ муовини прокурори шаҳри Душанбе, прокурори шаҳру ноҳияҳои Фирдавсӣ, Хуҷанд, Истиқлол, Балҷувон, Данғара, Ҷалолиддини Румӣ, прокурори ҳарбии гарнизони Суғд, сардори шӯъбаи корҳои дохилии шаҳру ноҳияҳои Панҷ, Нуробод, Истиқлол ва роҳбарони чанд сохтори дигар иваз карда шуданд.

Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон таваҷҷуҳи аҳли нишастро ба мушкилоти вобаста ба ҷиноятҳои марбут ба маводи мухаддир, коррупсия, тамаъҷӯӣ, заминфурӯшӣ ва ғайра ҷалб намуда, онҳоро ба садоқату фидокорӣ нисбати ватану ватандорӣ, ҳифзи оромию субот, манфиатҳои мардуми заҳматкаш, адолати иҷтимоӣ ва ба мубориза беамон бо унсурҳои ҷиноию қонуншикан ҳидоят намуд.

Таъкид гардид, ки бо мардум муомилаю муоширати хуб дошта бошанд, зеро иззату эҳтиром ва боварию эътимоди аҳолӣ ва ҳамкорӣ бо онҳо омили муҳими пешрафти кори мақомоти ҳифзи ҳуқуқ мебошад.

*www.prezident.tj*

## Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2012»**

### Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Дар бораи қабул кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2012»**

Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2012» қабул карда шавад.

**Раиси Маҷлиси намояндагони**
**Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Ш. ЗУҲУРОВ**
**ш. Душанбе, 20 июни соли 2012 № 860**

**Моддаи 1.** Ба моддаи 18 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 8 ноябри соли 2011 «Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2012» (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2011, №11, мод.773; с. 2012, №3, мод. 129; Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 апрели соли 2012, №829; Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22 майи соли 2012, №830) қисми ёздаҳум бо мазмуни зайл илова карда шавад:

«Иҷрои корҳои сохтмонии хатти нави роҳи оҳани Душанбе-Қӯрғонтеппа (қитъаи Ваҳдат-Ёвон, азнавсозии фосилаҳои Роҳатӣ-Ваҳдат-Элок ва Қӯрғонтеппа-Ёвон-Ваҳдат) ва воридоти молҳо бо ин мақсад аз ҷониби Корхонаи воҳиди давлатии «Роҳи оҳани Тоҷикистон», ки номгӯй ва миқдори онҳоро Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ мекунад, аз андоз аз арзиши иловашуда ва боҷи гумрукӣ озод карда мешаванд.».

**Моддаи 2.** Қонуни мазкур аз 1 январи соли 2012 мавриди амал қарор дода шавад.

**Президенти**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 26 июни соли 2012 №831**

## Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Оид ба ворид намудани иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2012»**

### Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Дар бораи қабул кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2012»**

Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2012» қабул карда шавад.

**Раиси Маҷлиси намояндагони**
**Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Ш. ЗУҲУРОВ**
**ш. Душанбе, 13 июни соли 2012 № 840**

**Моддаи 1.** Ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 8 ноябри соли 2011 «Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2012» (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с.2011, №11, мод.773; с.2012, №3, мод. 129; Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 апрели соли 2012, №829; Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22 майи соли 2012, №830) иловаҳои зерин ворид карда шаванд:

1. Ба моддаи 18 қисмҳои нӯҳум ва даҳум бо мазмуни зайл илова карда шаванд:

Воридоти ду адад дастгоҳи томографии компютерӣ барои эҳтиёҷоти Вазорати тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва як миллион адад дастгоҳҳои телефонӣ барои эҳтиёҷоти аҳолии камбизоат аз тарафи Хадамоти алоқаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз андоз аз арзиши иловашуда ва боҷи гумрукӣ озод карда мешавад.».

2. Ба қисми якуми моддаи 19 пас аз калимаҳои «меҳмонхонаи панҷситорадори воқеъ дар кӯчаи Айнии шаҳри Душанбе» калимаҳои «, сохтмони театри миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қасри миллат» илова карда шаванд.

**Моддаи 2.** Қонуни мазкур аз 1 январи соли 2012 мавриди амал қарор дода шавад.

**Президенти**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш.Душанбе, 26 июни соли 2012 № 832**

## Ваҳдат - омили пешрафти ҳуқуқу озодиҳои инсон

**Бахшида ба 15-солагии Ваҳдати миллӣ дар толори маҷлисгоҳи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мавзӯи «Нақши Ваҳдати миллӣ дар таҳкими ҳуқуқ ва озодиҳои инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» мизи мудаввар баргузор шуд.**

Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Зариф Ализода дар суханронии худ оид ба нақши Ваҳдати миллӣ дар инкишофи давлатдории Тоҷикистон изҳори назар намуд. Вай зикр кард, ки инсон, ҳуқуқу озодиҳои он арзиши олӣ дошта, ин нукта дар Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон инъикоси худро ёфтааст. Конститутсия, ки аз тариқи раъйпурсии умумихалқӣ қабул шудааст, кафолати ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро медиҳад. Ҳифз, риояи озодии ҳар як шаҳрванд аз ҷониби давлат амалӣ мегардад.

Доир ба мавзӯъҳои гуногун вобаста ба Ваҳдати миллӣ устоди кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавии факултаи ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Д. Сафаров, сардори шӯъбаи иттилоотӣ-таҳлилии дастгоҳи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон А. Содиқов, сармутахассиси шӯъбаи ҳифзи давлатии ҳуқуқҳои сиёсӣ ва граждании дастгоҳи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон С. Машрабова бо маърӯзаҳо баромад карданд.

*Аъзам МӮСОЕВ,*
*«Садои мардум»*

**• Дар партави Паёми Президент**

## Мурочиати шаҳрвандон бенатиҷа намемонад

-Раванди ҳаёти муосир дурусту комил будани дастуру супоришҳои Сарвари давлатро, бахусус дар самти дастгирии иҷтимоӣ, баррасии холисонаи мурочиати шаҳрвандон собит намуда, аз ҳамаи мо - роҳбарону масъулон тақозо менамояд, ки ба ин масъала эътибори бештар зоҳир намоем, - таъкид намуд раиси вилояти Суғд Қоҳир Расулзода дар рӯзи қабули сокинони шаҳри Исфара.

Воқеан ҳам ба ин супориши Роҳбари давлат дар вилояти Суғд эътибори ҷиддӣ зоҳир мегардад. Аз соли 2010 то ин дам дар рӯзҳои қабули шаҳрвандон аз ҷониби раиси вилоят беш аз панҷ ҳазор нафар шаҳрвандон пазируфта шудаанд.

Танҳо аз буҷети вилоят тибқи қарорҳои раиси вилоят солҳои 2010-2011 ва дар семоҳаи аввали соли равон барои ҳалли масъалаҳои гуногуни мурочиаткунандагон 5 миллиону 408 ҳазор сомонӣ маблағ ҷудо гардидааст.

Дар шаҳри Исфара рӯзи қабули шаҳрвандон ба раиси вилоят беш аз 300 нафар сокинони шаҳр арзу дархости худро баён доштанд.

То аввалҳои моҳи июн аз 23 дархости шаҳрвандони шаҳри Исфара, ки бо маблағгузорӣ вобаста буданд, се дархост, яъне таъминоти заминҳои аҳолии деҳаи Офтобрӯй бо оби полезӣ, кашидани хати барқ дар маҳаллаи навбунёди 13-уми маркази шаҳр, таъмири 3,4 км роҳи автомобилгарди маҳаллаи Дӯстии деҳаи Боғистон иҷро гардид.

Алҳол тибқи нақшаи чорабиниҳои вилоятӣ иҷрои 20 дархости боқимонда зери назорат ва корбарӣ қарор доранд ва аз ин шумора чор дархост дар соли 2012 тибқи нақша бояд иҷро гардад.

Ҳамчунин дар даври дуюми мулоқотҳо, санаи 5-уми июли соли 2011, ҳангоми воҳӯрии раиси вилоят бо фаъолони шаҳри Исфара 90 нафар бо арзу дархост мурочиат намуда буданд.

Ҳамаи 90 мурочиат баррасӣ ва 28 дархост иҷро гардид, ки ҷиҳати иҷрои ду дархост маблағҳои муайян сарф карда шуданд.

Чуноне аён гардид, аз ҳисоби буҷети давлатӣ то ин дам беш аз 870 ҳазор сомонӣ маблағ ҷудо шудааст, ки ба ҳалли масъалаҳои аҳолии шаҳри Исфара мусоидат намудаанд.

Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилоят ҷиҳати ҳалли масъалаҳои мурочиаткунандагон аз имкониятҳои мавҷуда самаранок истифода менамояд. «Барномаи рушди иқтисодии деҳот», ки дар 14 шаҳру ноҳияҳои вилоят дар робита бо созмонҳои байналмилалӣ амалӣ мегардад, яке аз ҳамин гуна имкониятҳост. Маблағи ин лоиҳа 11 миллиону 304 ҳазор сомониро ташкил медиҳад. Аз ҷумла тибқи ин барнома заминҳои наздиҳавлигии сокинони деҳоти «Чоркӯҳ»-и шаҳри Исфара бо оби полезӣ таъмин мешаванд, ки маблағи умумии он 285 ҳазор сомониро ташкил медиҳад.

Маҳз дар солҳои соҳибистиқлолии мамлакат дар Исфара беш аз се ҳазор гектар заминҳои нав аз худ гардида, дар майдони 1700 гектар боғҳои нав бунёд карда шудаанд. Аз ҷумла беш аз ду ҳазор гектар заминҳои бекорхобидаи мавзеи Моҳпарӣ аз худ карда шуд, ки алҳол ба як макони обод ва манбаи ҳосили фаровон табдил гардидааст.

Бо дастгирии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо мақсади эҳёву рушди шаҳраки Шӯроб «Нақшаи барқарорсозӣ ва рушди иҷтимоиву иқтисодии шаҳраки Шӯроб барои солҳои 2011-2015» қабул гардидааст, ки дар марҳалаи аввал 30 лоиҳа ба маблағи беш аз 26 миллион сомонӣ амалӣ мегардад.

Ин тадбир имкон медиҳад, ки масъалаҳои таъминоти аҳолӣ бо оби нӯшокӣ, сохтмон, барқарорсозии инфрасохтори иҷтимоӣ ва иншооти маорифу тандурустӣ ҳалли худро ёфта, шаҳраки ангиштканон мақоми шоистаи худро барқарор намояд.

Ҳамчунин ёдовар бояд шуд, ки бо дастгирии Сарвари давлат барномаи рушди шаҳри Исфара барои солҳои 2013-2018 қабул гардидааст.

-Ба татбиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мурочиатҳои шаҳрвандон» дар мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳр ва воҳидҳои сохтории он бояд масъулон ҷиддӣ муносибат намоянд, - таъкид намуд Қоҳир Расулзода дар ҷаласаи фаъолони шаҳри Исфара.

Дар бисёр маврид беэътиноии шахсони масъул ва набудани назорати қатъӣ дар мавриди таъмини иҷрои дархости шаҳрвандон сабаб мегардад, ки онҳо ба мақомоти болоӣ мурочиат намоянд.

Чунончӣ, дар чор моҳи соли равон ба унвони роҳбарияти вилоят аз шаҳри Исфара 25 арзу шикоят ва дархост ворид гардидааст, ки се мурочиат дастаҷамъона ва ду мурочиат такрорӣ мебошад.

Ба унвони раиси шаҳр давоми чор моҳи соли 2012-ум як ҳазору 201 арзу шикоят ворид гардидааст, вале танҳо 78 адади он таҳти назорат қарор гирифта шудаасту халос, ки ҳамагӣ шаш фоизро ташкил медиҳад.

Аксари мурочиатҳои дастаҷамъонаи мардум, ки дар ин давра теъдоди онҳо ба 51 адад расидааст, дар мӯҳлатҳои муқаррарӣ мавриди баррасӣ қарор нагирифтаанд.

Дар Кумитаи заминсозии шаҳр 18 мурочиат бо вайронкунии мӯҳлат баррасӣ шуда, 57 адади он то ҳол баррасӣ нагардидааст.

Таҳлилҳо нишон доданд, ки қисми асосии мурочиатҳои мардум ба тақсимоти замини наздиҳавлигӣ дахл доранд. Бо ин мақсад, тибқи қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон 1512 гектар замин ҷудо карда шудааст. То ин дам 11368 оила эҳтиёҷманд ҳисобидашуда бошад ҳам, ҳамагӣ ба 4459 оила қитъаи замини наздиҳавлигӣ ҷудо гардидаасту халос.

Чунин омилҳо боиси мурочиати зиёди шаҳрвандон гардидааст ва ҳалли саривақтии онҳоро мардум интизор аст.

*Мухтори АБДУЛЛО,*
*«Садои мардум»*

**• Дар ҷавоби ғамхориҳо**

## Масъулият афзун мешавад

Хайрулло Ғиёсов тӯли даҳ сол сардухтури беморхонаи марказии ноҳияи Рашт буд ва ӯро соли 2011 мудири шӯъбаи тандурустии Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияи Рашт таъин намуданд.

- Дар ноҳияи Рашт 81 муассисаи тандурустӣ фаъолият менамояд, ки дар онҳо 121 нафар духтурони маълумоти олидор ба мардум хизмат мерасонанд, - гуфт ӯ зимни сӯҳбат ба хабарнигори рӯзнома ва илова намуд: - Дар Паёми имсолаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин зикр гардид: «Вазорати тандурустӣ ва дигар мақомоту сохторҳои давлатӣ, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ бо ҷалби сармоягузорону соҳибкорон бояд дар самти тарбияи кадрҳои баландихтисоси соҳа, баланд бардоштани сатҳи хизматрасонии тиббӣ ба аҳолӣ, таъмири муассисаҳои тиббии мавҷуда ва бунёди бунгоҳу дармонгоҳҳои нав, инчунин таъминоти онҳо бо таҷҳизоти муосири тиббӣ мунтазам чораҷӯӣ намоянд».

Беморхонаи марказӣ ва маркази саломатии ноҳия бо мутахассисони маълумоти олидор ва миёнаи тиббӣ таъмин мебошад. Соли 2011 сафи мутахассисони тибби ноҳияро нӯҳ нафар хатмкунандагони Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино пурра намуданд. Барои баланд бардоштани савияи дониш ҳашт нафар духтурон ва 12 нафар кормандони миёнаи тиббӣ курсҳои бозомӯзии шашмоҳаро гузаштанд. Соли гузашта омӯзишгоҳи тиббии ноҳияро 138 нафар хатм намуданд, ки аз онҳо 96 нафарашон аз ноҳияи Рашт мебошанд.

Бо қарори раиси ноҳия беморхонаи минтақавии фурудгоҳ таҷдид гардида, дар заминаи он шӯъбаҳои бемориҳои сил ва сироятии беморхонаи марказӣ ҷойгир шуд.

Чуноне маълум аст, муҳоҷирати меҳнатии шаҳрвандон ба хориҷи кишвар, алалхусус Федератсияи Россия зиёд мешавад. Барои таъмини амнияти тандурустии сокинони ноҳия кормандони маркази ташаккули ҳаёти солим дар ҷамоатҳои шаҳраку деҳот бо аҳолӣ 74 воҳӯрӣ оид ба пешгирии касалиҳои сил, СПИД, фалаҷ, ҷоғар ва нашъамандӣ баргузор карданд. Эмкунии кӯдакон ва наврасон ба муқобили бемориҳои фалаҷ, сил, сурхча ва гулафшон сари вақт сурат гирифт.

- Бо таҷҳизоти муосир таъмин будани беморхона аз бисёр ҷиҳат барои аҳолии аз маркази ҷумҳурӣ дур муфид аст, - афзуд ҳамсӯҳбатамон.- Соли гузашта бо дастгирии вазорати тандурустӣ, раиси ноҳия, созмону ташкилотҳои байналмилалӣ толори ҷарроҳии шӯъбаи таваллуд ва шикастабандии беморхонаи марказии ноҳия бо мизҳои ҷарроҳии ҳозиразамон, дастгоҳи махсуси озмоишӣ, ду адад таҷҳизоти ҳозиразамони безараргардонии «Автоклав» ва ашёҳои лозимӣ таъмин гардид.

Бо дастгирии бевоситаи раиси ноҳия хобгоҳи навташкили омӯзишгоҳи тиббӣ бо таҷҳизоти зарурӣ, аз қабили мизу курсӣ, ҷевон, телевизор аз ҳисоби маблағҳои буҷети иловагии ноҳия ҷиҳозонида шуд.

Имрӯз дар беморхонаи марказӣ ва маркази саломатии ноҳия духтури нарколог, патологоанатом, дар бунгоҳҳои тиббии деҳот духтурони кӯдакона ва бемориҳои дарунӣ, акушер-гинеколог, momодояҳо ва духтурони оилавӣ намерасад. Дастрас гардидани таҷҳизоти тиббӣ, аз қабили таҷҳизоти рентгении «Флюрограф», таҷҳизоти стоматологии Бор-машина, сабти барқии дил (ЭКГ) ва таҷҳизоти нафасдиҳии сунъӣ (ИВЛ), кори хизматрасонии тиббии аҳолиро боз сабук мегардонад.

Ғамхориҳои Ҳукумат дар назди кормандони соҳаи тандурустии ноҳияи Рашт вазифаҳои масъулро ба дӯши онҳо мегузорад. Табибон доимо кӯшиш мекунанд, ки дар ҳифзи сиҳатии аҳолӣ фаъол бошанд. Меҳнати онҳо бошад, ҳамеша қадрдонӣ мегардад. Масалан, соли гузашта аз ҳисоби маблағҳои ҳампардохт ба хазинаи муассисаҳои тандурустии ноҳия 270789 сомонӣ ворид гардид, аз ин 40 фоизи он барои баланд бардоштани маоши кормандони соҳа, боқимонда барои хариди доруворӣ ва таҷҳизоти тиббӣ равона карда шуд.

Дар Паёми имсолаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин омадааст: «Бо назардошти рушди иқтисодиёти мамлакат ва зиёдшавии имкониятҳои молиявӣ, марҳалаи дуюми зиёдшавии маоши кормандони соҳаи тандурустӣ низ дар назар аст».

Аз ин рӯ, мутахассисон ва кормандони соҳаи тандурустии ноҳияи Рашт доимо кӯшиш доранд, ки хизматрасонии тиббии аҳолиро дар сатҳи баланд ба роҳ монанд.

*Мирзо БОБОКАЛОНОВ,*
*«Садои мардум»*

# ВАҲДАТИ МИЛЛӢ АСОСИ РУШДИ САМТҲОИ ҲАЁТИ ҶОМЕА АСТ

Рӯзи Ваҳдати миллиро метавон оғозбахши марҳилаи навини рушду инкишофи кишвари соҳибистиқлоли Тоҷикистон арзёбӣ кард, зеро анҷоми ободониву созандагӣ, рушду такомули давлатдорӣ ба ин рӯз пайвастагии ногусастанӣ дорад. Аз ин рӯ, расидан ба ин дастовард он солҳо кори осон набуд. Танҳо коре, ки аз имрӯзиён вобастагӣ дорад, ҳифзи ин арзиши гаронбаҳои миллӣ, таҳкими ваҳдати миллӣ, тақвият бахшидан ба бунёди давлатдории миллӣ ва тавсеаи марҳилаҳои бунёдкориву созандагӣ мебошад.

Дар шароите, ки имрӯзҳо вазъи сиёсии минтақа ва ҷаҳон қарор дорад, ҳамаи неруҳои созандаи ҷомеа, махсусан ҷавононро, водор месозад, ки барои ҳифзи арзишҳои миллӣ, дастовардҳои соҳибистиқлолӣ, суботу оромии ҷомеа, рушди ҳамаҷонибаи соҳаҳои гуногуни кишвар, аз ҷумла иқтисодиву иҷтимоӣ та- лошҳои муассир анҷом диҳанд. Бо таваҷҷуҳ ба он, ки ҷавонон ояндаи ҳар давлату миллатанд, бояд барои пиёда сохтани ин аҳдоф талошҳои бештар дошта бошанд. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар суханронии худ дар маросими таҷлили 14 - умин солгарди Рӯзи Ваҳдати миллӣ ба ин нукта ишора карда, аз ҷумла гуфта буд: «Дар навбати худ тамоми мардуми кишвар, махсусан ҷавонон, бояд ҳамеша дар хотир дошта бошанд, ки ваҳдати миллӣ дар баробари истиқлолият арзиши муқаддасу бебаҳои ҷомеаи мо ба ҳисоб меравад ва пешрафти ҳамаҷонибаи тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷомеа, беҳтар шудани сатҳу сифати зиндагии мардум, ободии Ватан ва ояндаи давлати соҳибистиқлол ва давлатдории миллиамон бевосита ба ваҳдату ягонагии халқи Тоҷикистон ва сулҳу субот вобаста мебошад. Аз ин лиҳоз, густариши пайвастаи худогоҳиву худшиносӣ ва таблиғи аҳамияти ваҳдати миллӣ дар шуури наврасону ҷавонон бояд яке аз самтҳои муҳимтарини кор ва меъёри асосии таълиму тарбия бошад».

Бале, маҳз ҷавонони дорои андешаҳои солим метавонанд ҳамчун созандагони ҷомеаи ободу озоди ҳар кишвар бошанд. Барои насли бузургсоли имрӯз зарур аст, ки заминаҳои мусоид барои тарбияи чунин ҷавононро фароҳам оранд, эҳсоси худшиносиву худогоҳӣ, муҳаббат нисбат ба Ватанро дар замири эшон бедор намоянд.

Аз сӯйи дигар, ҳисси ватандӯстиву меҳанпарастӣ дар қалбҳои миллати тоҷик, бахусус ҷавонон, сол аз сол бештар мешавад. Ин нуктаро мо борҳо зимни баргузории мулоқоту вохӯриҳои худ бо аҳолии минтақаҳои гуногуни кишвар, махсусан дар вохӯрӣ бо интихобкунандагони хеш, бахубӣ эҳсос менамоем. Ҷавонон дар ҳар мулоқоту вохӯриҳо бо ташаббусҳои тоза ва созанда барои ободониву сарсабзӣ ва рушду равнақи соҳаҳои гуногуни мамлакати худ ба мо -вакилон ҳам аз тариқи хаттӣ ва ҳам шифоҳӣ муроҷиат менамоянд. Ин шаҳодати он аст, ки ҷавонони мо лаёқати идораи корҳо дар ҳама соҳаро доранд.

Аз он ки ҷавонони тоҷик ба ояндаи кишвари худ бо нигоҳи тоза назар доранду бо иқдомҳои созанда баромад мекунанд, ба фароҳам будани фазои сулҳу субот ва ваҳдати сартосарӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон марбут мебошад, яъне ваҳдат ва суботе, ки имрӯзҳо дар кишвари мо таъмин аст, ба ҳамаи қишрҳои ҷомеа имконияти саҳм доштан дар рушду тараққии соҳаҳои гуногуни мамлакати худро фароҳам овардааст. Дар ин замина Президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмон зимни суханронии худ дар маросими таҷлили 14 - умин солгарди Рӯзи Ваҳдати миллӣ андешаҳояшро чунин баён дошта буд: «...ғояи ваҳдати миллӣ ҳамчун андешаи зиндагисози ҷомеаи мо рӯз то рӯз решадору мустаҳкам мегардад, зеро хурду бузурги мардуми Тоҷикистон ҳамеша хостори ободиву озодӣ ва оромиву осудагӣ мебошанд. Ба воситаи ин ғояи асосии умумимиллӣ мо метавонем ҳамаи табақаҳои ҷомеаро муттаҳид гардонем ва рушди бемайлону устувори самтҳои гуногуни ҳаёти ҷомеаро ба роҳ монем. Бо ин мақсад нигоҳ доштани фазои мусоиди сулҳу субот, ҳамдигарфаҳмӣ, эҳтироми ақидаву мавқеъҳо, ризоияти ҷомеа, таҳаммулгароӣ ва мароми созандаву устувори ҳизбҳои сиёсӣ ва иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ниҳоят зарур аст.

Ҳамгироӣ ва дар муҳити солим, яъне бо иттиҳоду иттифоқ ва муруввату мадоро зистан аз ҷумлаи фаризаҳои асосии ҳамбастагии башарият дар ҳама давру замон ба ҳисоб меравад.

Тавре ки бузургони мо фармудаанд, тавоноӣ ва некбахтии ҳар як миллат ба иттиҳоду ваҳдати афроди он вобаста мебошад».

Бале, ҳақ бар ҷониби Сарвари давлати хирадманду дурандешамон Эмомалӣ Раҳмон аст. Бинобар ин, мо бояд ба қадри ин неъмати бебаҳо, яъне сулҳу ваҳдат ва суботи сартосарии кишвари худ расем ва ин неъмати худододиро ҳамчун гавҳараки чашм ҳифз ва нигоҳубин намоем. Танҳо дар ин сурат мо метавонем ба ваҳдати комил бирасем ва барои ояндагони худ кишвари ободу босубот ба мерос гузорем.

***Абдузафар ИНОМОВ,***
***узви Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба тартиботи ҳуқуқӣ, мудофиа ва амният***

# Соҳибкорони тоҷик ба ЭКСПО «Хитой - АвруОсиё» даъват шуданд

***Дар Маркази равобити «Пойтахт» муаррифии Намоишгоҳи дуюми ЭКСПО «Хитой - АвруОсиё» баргузор гардид. Чорабиниро раиси Палатаи савдо ва саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон Шариф Саид кушода, меҳмононро аз Ҷумҳурии Халқии Хитой хайрамақдам гуфт.***

Дар чорабинӣ намояндагони Палатаи савдо ва саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон, муовини Котиби генералии Ҳукумати Халқии СУАР Чен Тезин, сардори Раёсати рушди савдо Чжен Сиян ва гурӯҳи кории Кумитаи тадорукотии Намоишгоҳи дуюми ЭКСПО «Хитой-АвруОсиё» иштирок доштанд.

Аз соли 1992 инҷониб ҳар сол дар шаҳри Урумчӣ Намоишгоҳсавдо гузаронида мешавад, ки дар он Ҷумҳурии Тоҷикистон низ ширкат меварзад. Бо қарори Ҳукумати СУАР намоишгоҳ соли 2011, статуси давлатӣ гирифта, бо номи ЭКСПО «Хитой- АвруОсиё» муаррифӣ мешавад.

Ин намоишгоҳ заминаи муҳими ҳамкорӣ байни Ҷумҳурии Халқии Хитой бо кишварҳои Осиё мебошад. Ширкат дар намоишгоҳи мазкур барои Ҷумҳурии Тоҷикистон заминаи мусоиди ҳамкориҳои иқтисодию фарҳангиро фароҳам овард.

Аз 1 то 5 сентябри соли 2012 Ҳукумати халқии СУАР Намоишгоҳи дуюми ЭКСПО «Хитой-АвруОсиё»-ро баргузор менамояд ва соҳибкорони Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ин намоишгоҳ даъват шудаанд.

***Шарофат АБДУЛВОҲИДОВА,***
***«Садои мардум»***

**●Иҷрои супоришҳои Сарвари давлат**

# ҲОСИЛ ФАРОВОН МЕШАВАД

Чанде пеш картошкапарварони ноҳияи Ғончӣ мавриди таваҷҷуҳи Сарвари давлат қарор гирифта, соҳиби чанд адад техникаи замонавии коркарди замин шуданд.

Ин тӯҳфаҳо далели он аст, ки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба пешрафти соҳаи картошкапарварӣ диққати махсус медиҳад,- мегӯяд муовини сардори Раёсати кишоварзии ноҳия Баҳром Яҳёев. -Ин таваҷҷуҳи махсуси Сарвари давлат деҳқононро рӯҳбаланд карда, барои ба даст овардани натиҷаҳои баланди истеҳсолӣ ҳидоят менамояд.

Аз ин рӯ, картошкапарварони ноҳия соли равон майдони умумии кишти зироатро ба чор ҳазор гектар расониданд. Танҳо дар хоҷагиҳои кишоварзӣ дар майдони 2500 гектар кишти ин навъи зироат анҷом ёфт. Дар хоҷагиҳои «Овчӣ-Ғончӣ», ба номи Ҳотам Қурбонов, ки хоҷагиҳои тухмипарварӣ маҳсуб мешавад дар майдони зиёда аз 300 гектар кишти картошка гузаронида шуд,- мегӯяд Баҳром Яҳёев.

Бино ба гуфтаи мавсуф имсол, асосан аз ҳисоби ҳамин хоҷагиҳо ба ноҳияҳои дигари кишвар зиёда аз 4000 тонна тухмии хушсифат фурӯхта шуд. Хоҷагиҳои инфиродии «Убайдулло», «Сомониён», «Эргаш», аз ҷамоати Маҷун, Алиҷон Муҳаммадиев аз деҳоти Исмоили Сомонӣ, Аюб Бобоев, «Демнора», «Қалъаи кӯҳна», «Равшан» аз деҳоти Далёни боло дар пешбурди ин соҳа саҳми хуб доранд.

Бо супориши раиси ноҳия аз ҳисоби мутахассисони идораи кишоварзӣ ҳайати корӣ ташкил ёфта, рафти кишт, парвариш ва таъмини ҳосилнокии баланд, чӣ дар хоҷагиҳои кишоварзӣ ва чӣ аҳолӣ зери назорат ва дастгирӣ қарор гирифтааст.

Барои равнақи картошкапарварӣ Ташкилоти ҷамъиятии байналмилалии «Ҷовид», ки дар ноҳия намояндагӣ дорад, ёрии амалӣ мерасонад. Ташкилоти мазкур барои картошкапарварон ва деҳқонони дигар соҳаҳо ғизои микробиологии зироатҳоро муҳайё намудааст, ки он ҳосилнокии майдонҳоро 30-50 фоиз афзун намуда, ба кам истифода бурдани нуриҳои химиявӣ мусоидат мекунад.

Сербориш омадани зимистону баҳор, муҳайё гаштани техника, нуриҳои минералию биологӣ ва рӯҳбаландона меҳнат намудани аҳли деҳот имкон хоҳад дод, ки ҳосили фаровон рӯёнем,- мегӯяд Баҳром Яҳёев.

***Ҳ. НАЗРУЛЛО,***
***«Садои мардум»***

# ТАШАББУСИ НАҶИБ

Пӯшида нест, ки Президенти мамлакат барои ҳар чи зудтар бурун кашидани кишвар аз масоили печидаи рӯз чораҳои зарурӣ меандешад. Масъалаи таъмини амнияти озуқаворӣ, аз ҷумлаи масъалаҳоест, ки амалӣ гардидани он имконият фароҳам меоварад, ки давлатмардон ва аҳолӣ барои ободонии мамлакат ва рушду нумӯи тамоми соҳаҳои хоҷагии халқ, оромона бо ҷаҳду талошҳои созандагӣ фаъолият кунанд.

Роҳбарият ва сокинони ноҳияи Рашт муҳимии ин масъаларо баъди дастури Президенти мамлакат хуб дарк намуда, барои дар ҳаёт татбиқ намудани нақшаи пешбинишуда софдилона заҳмат мекашанд. Соли гузашта дар натиҷаи кӯшиши сокинони ноҳия дар майдони 2039 гектар картошка кишт карда шуд. Тирамоҳ беш аз 45 ҳазор тонна картошкаи хушсифат ҷамъоварӣ карда шуд ва картошкапарварони ноҳия тавонистанд як муддат бозорҳои ҷумҳуриро бо картошкаи хушсифат таъмин намоянд. Соли гузашта ташкилоту муассисаҳои ноҳия баъди муроҷиати раиси тозаинтихоби худ тавонистанд дар 60 гектар замин картошка кишт намоянд. Кишти картошка аз тарафи ташкилоту муассисаҳо имконият фароҳам овард, ки аксари кормандони ин муассисаҳо осудаҳолона пайи иҷрои вазифа шуданд. Онҳо бовар доштанд, ки роҳбарият барои таъмини хоҷагии кормандони худ ғамхорӣ менамояд. Ҳамин тавр ҳам шуд.

Ин ташаббуси наҷибро дар соли 2012 низ роҳбарияти ташкилоту муассисаҳо дастгирӣ намуданд. Имсол майдони кишти картошка аз ҳисоби ташкилоту муассисаҳои ноҳиявӣ 15 гектар зиёд карда шуд. Дар ин маврид метавон аз саҳми шӯъбаи маориф, шӯъбати тандурустӣ, раёсати корҳои дохила ва идораи таъмини барқи ноҳия ёдовар шуд, ки онҳо ба ҷойи 1 гектари пешбинишуда дар 4-5 гектарӣ картошка кишт кардаанд.

Итминони комил дорем, ки тирамоҳи имсол картошкапарварони ноҳияи Рашт дар таъмини амнияти озуқаврии аҳолии ҷумҳурӣ ҳиссаи арзанда мегузоранд.

***Диловари МИРЗО,***
***ноҳияи Рашт***

# ЗИ ҶӮЕ, КИ ХӮРДӢ АЗ ОН ОБИ ПОК...

Офтоб як қади найза поин фаромада буд. Бобои Самад дар миёни ҷӯякҳои картошка гаштугузор дошт. Баъзан кулӯхчаҳои болои картошкаро яктарафа карда, худ ба худ мегуфт -ба наздикӣ борон ҳам наборид, ба замин об мондан даркор, дар акси ҳол тухмӣ дар зери сафолак нобуд мегардад. Ӯ каландашро бардошта, ба лаби ҷӯйбори калон омад. Мехост обро ба тарафи замини наздиҳавлигиаш равон кунад. Дар ҷӯйбор об набуд. Ӯ қад-қади ҷӯйбор то болотари маҳалла аз миёни хонаҳои аҳли деҳа гузашта дар ҷое нишаст. Дуру дароз ба нуқтае чашм дӯхта, худ ба худ ғурунгид. Бо ин аҳвол ба ҷӯйбор об сар додан ғайриимкон аст. Сардори маҳалла, бригадиру раисони хоҷагӣ ба куҷо менигаранд? Охир, пештар аввалин коре, ки мо дар давраи саршавии кори баҳорӣ мекардем ин тоза намудани ҷӯю каналҳо буд. Пешакӣ ба ҳама чиз тайёрӣ медидем.

Сокинон дар лаби ҷӯйборҳо ғарами партовҳоро ҷамъ карда, интизори сар додани об мебошанд. Он гоҳ онро ба об тела дода, бо ин роҳ муҳити атрофи худро тоза нигоҳ медоранд. Мардумро чӣ шудааст? Барои чӣ бо ин неъмати бебаҳо хунукназарона муносибат мекунанд? Ҳар рӯз тавассути воситаҳои ахбори омма хабардор мешаванд, ки чӣ қадар аҳолӣ аз беобӣ азият мекашанд ва чӣ миқдор ҷони худро аз даст медиҳанд. Ҳол он ки қариб ҳамаи обҳои ҳудуди ҷумҳурии Тоҷикистон барои ошомидан мувофиқ мебошад.

- Бобои Самад мегӯяд, ки боре аз як ҳамсӯҳбаташ шунида буд, ки ҳангоми адои маъракаи Ҳаҷ тавсифи обҳои мусаффои Тоҷикистонро мекунад. Мегӯяд, ки мардуми мо метавонад дар кадом минтақае бошад, аз оби баҳр, дарё ва ҷӯйбор бемалол нӯшидан гирад. Ҳамсӯҳбаташ бо суол аз ӯ мепурсад, ки шумо оё дар биҳишт зиндагӣ мекунед?

Албатта, ба қадри оби тоза нарасидан гуноҳ аст.Чунончӣ, шоир фармудааст:

*Зи ҷӯе, ки хӯрдӣ аз он оби пок,*
*Нашояд фикандан дар он сангу хок.*

... Бобои Самад лаби ҷелакашро ба миён маҳкам карда, ба тоза кардани ҷӯйбор сар кард. Ӯ сангҳои калон-калонро гирифта, ба берун партофт. Бо бел алафҳои ду тарафи ҷӯйборро канда, хасрӯба ва партовгоҳҳои дигарро тоза менамуд. Бо ин амалаш гӯиё аҳли деҳро ба номус меовард. Аз хоби ғафлат бедор карданӣ буд. Ҳарчанд зӯр занад ҳам, 10-12 метр ҷӯйборро тоза мекунаду халос. Дарозии ҷӯйбори деҳа бошад зиёда аз ду километр. Инро фақат бо меҳнати дастаҷамъонаи мардуми деҳа ба анҷом расонидан мумкин аст. Агар ҳар як падару модар фарзандони худро ба тоза кардани масоҳати ҷӯйборе, ки аз даруни ҳавлии онҳо мегузарад, водор намояд, қарзи инсониро адо карда, савоби beштареро соҳиб мегардад.

Дар гӯшае ҷавонон ба ин амали мӯйсафед нигариста, гуфтугӯйи худро идома медоданд. Гоҳ даст афшонда, гоҳе ҳайбаракаллоҳ мегуфтанд. Ҳатто Раҷаббек писари амаки Саид аз мӯйсафед пурсид, ки ба полиз об даркор шудааст-чӣ?

Ин қадар бетарафӣ, беаҳамиятӣ, танбалӣ ва худписандӣ дар мардум. Гӯиё чизеро намедиданд. Ҳама ба умеди каси дигаре ҳастанд, ки омада ин корро анҷом бидиҳад.

Мӯйсафед белашро як тараф гузошта, ба ҷойи исти ҷавонон омад. Ӯ бо ҳар яке вохӯрда, аз аҳволи падару модарашон пурсид. Баъд лаҷоми суханро ба даст гирифта, гуфт:

- Писаронам ҷӯйборро тоза намудан даркор. Агар ба ин аҳвол обро сар диҳем, хонаи баъзе сокинонро шуста мебарад. Пештар қариб оби ҷӯйборро маҳкам намекарданд. Фақат пеш аз давраи саршавии киштукор. Ин ҳам бошад, барои тоза кардани ҷӯйбор. Ҳозир бошад, баробари даромадани зимистон обро маҳкам мекунанд.

-Ҳа, removeбобоҷон, об пулакӣ шудагӣ. Ҳар вақту новақт сар намедиҳанд, - гуфт нафаре аз ҷавонон хандида.

- Медонам бачам об моликияти давлатӣ аст. Вайро бе пул истифода намебарем. Вале набояд гузорем, ки ҳиссаи ҷудошудаи об бе натиҷа исроф гардад.

Мӯйсафед ба хулоса омад, ки бо ин рафтораш ба касе таъсир расонида наметавонад. Ӯ баргашта ба ҷойи пештараш омад.

Бобои Самад ҳамдеҳагонашро намешинохт. Барои чӣ касеро гӯш кардан намехоҳанд. Кореро, ки ба нафъи ҷамъият бошад, анҷом доданӣ нестанд. Бобои Самад хизмати аскариро дар давраи шӯравӣ дар ҷумҳурии Чеченистон сипарӣ намудааст. Айёми тирамоҳ ҳангоми ҷамъоварии ҳосил гуфтугӯйи писару модаре ҳеҷ аз лавҳи хотираш зудуда намешавад.

Писар бо мошини шахсии боркаш ғалла ва коҳбедаи хонаашонро захира мекард. Баъди ба анҷом расонидани кор модараш ба ӯ гуфт: «Писарам барои худамон хеле заҳмат кашидӣ, акнун аз барои Худо кор кун. Яъне, ба захира намудани ғаллаи ҳамсояҳо ва ҳамдеҳагон низ ёрӣ деҳ ва маблағе талаб накун». Писараш бо амали тасдиқ сар ҷунбонида, ба кор шурӯъ намуд.

Дар ҳақиқат, беҳтарин поккунанда об аст. Лекин поккунанда гуфта, ҳама чизе, ки ба назар зиёдатӣ аст, набояд ба об партофт. Ба қадру қимати ин неъмати бебаҳо бояд расид. Ин амали ноҷо танҳо дар деҳаи онҳо нест. Қариб дар ҳама ҷо бо об чунин муносибат мекунанд. Хонае нест, ки агар об аз миёни деҳа гузарад, партовҳои худро ба он напартоянд. Агар саҳарии барвақт ва ё бегоҳӣ дар назди ҷӯйборҳои калони аз миёни деҳа гузаранда нишинед, мебинед, ки дар болои об ҳам поруи ҳайвонот, хокистаррӯба, коғазу селофанҳо ва аз ҳама зиёд уребгоҳо (памперс) дида мешавад. Андеша намекунанд, ки аз поин мардум ба ин оби ошомиданӣ эҳтиёҷ доранд ва чӣ қадар одамон ба касалиҳои гуногуни сироятӣ гирифтор мешаванд. Албатта, дар ин мушкилии ба сари мардум омада саҳми нафаре, ки бетаваҷҷуҳӣ ба ҳамсояи худ намуда, ба ифлосшавии об роҳ медиҳад, «бемузд» намемонад. Ба қавли шоир:

*Он чӣ диҳӣ боз ҳамонат диҳанд,*
*Он чӣ кунӣ боз нишонат диҳанд.*

***Мирзо БОБОКАЛОНОВ,***
***«Садои мардум»***

# БА ҲАР КОРЕ, КИ ҲИММАТ БАСТА ГАРДАД...

Солҳои аввали кор барои Нусратулло Алиаҳмадов мушкил буд, зеро ба замми омӯзгорӣ, дар мактаби таҳсилоти миёнаи умумии №50 деҳқонӣ низ мекард. Ӯ аз ҷумлаи онҳое буд, ки аз хоҷагии ҷангал нахустин шуда 1,5 гектар заминро ба иҷора гирифт.

- Соли 2006 вақте ки маро ба нафақа гусел карданд, дар хона бекор нишаста натавонистам. Дар замини аз хоҷагии ҷангал иҷорагирифтаам ба шинонидани дарахтони себу нок оғоз кардам. Солҳои аввал мушкилӣ зиёд буд. Замини мо ниҳоят ба деҳа наздик аст. Бинобар беаҳамиятии баъзе сокинони деҳа, ки чорвои худро назорат намекарданд, ниҳолҳои шинондаи моро нобуд мекарданд. Ҳоло гирду атрофи боғро бо симтӯру хандақ маҳкам намудем ва 360 бех себу нок сабзонида, ба ҳосил расонидем,- мегӯяд ӯ.

Акаи Нусратулло баробари деҳқонӣ падари мушфиқу меҳрубон низ ҳаст. Ӯ даҳ фарзандро ба воя расонидааст, ки ҳашт нафарашон донишгоҳҳои гуногуни ҷумҳуриро хатм ва соҳиби касбу кор мебошанд. Имрӯзҳо ин марди меҳнатдӯст аз ҳосили боғи бунёдкардааш қаноатманд буда, табассумкунон мегӯяд:

-Гузаштагони мо аз худ дарахтони зиёди мевадору сояафкан ба мерос гузоштанд, ки ҳоло аз онҳо истифода мекунем. Ба мо ҳам лозим меояд, ки баъди худ ба фарзандону наберагон чизе боқӣ бимонем.

Агар ҳар як фарди ҷомеа ба мисли акаи Нусратулло андеша медошту софдилона меҳнат мекард, ватани мо боз ҳам шукуфон мегашт.

***Рустам САФАРОВ,***
***деҳаи Шаҳринави поён,***
***ноҳияи Мӯъминобод***

# РУШДИ СОҲИБКОРӢ - КАФОЛАТИ ПЕШРАФТИ ҶОМЕА

Вобаста ба дастгирии бахши воқеии иқтисодиёт ва мусоидат ба рушди соҳибкории хурду миёна бонкҳо нақши арзанда доранд.

Дар ноҳияи Ишкошим низ филиали панҷ бонки мавҷуда барои дастгирии соҳибкории хурду миёна соли гузашта ба маблағи 7812630 сомонӣ қарзҳо дастрас намуданд, ки бештари онҳо барои пешрафти соҳаи кишоварзӣ нигаронида шуда буд.

Дар ҳамкорӣ бо хазинаи Оғохон дар деҳаи Хасхороғи Ҷамоати деҳоти Аскар Замиров сехи коркарди пашм кушода шуда, дар он як гурӯҳ занону духтарон ресмон, намад, гилем, кӯрпача ва бозичаҳо истеҳсол менамоянд. Ҳамчунин бо дастгирии ҳамин хазина дар деҳаи Дашти Ҷамоати деҳоти Ишкошим гармхона бунёд ёфтааст, ки қувваҳои корӣ ба он ҷалб карда шудаанд.

Дар ин замина, ҳамкории мутақобилан судманди Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияи Ишкошим бо соҳибкорон ва хоҷагиҳои деҳқонӣ хуб ба роҳ монда шудааст. Дар истеҳсоли маҳсулоти гӯштӣ ва ширӣ саҳми хоҷагиҳои хусусӣ калон аст. Истеҳсол ва фурӯши ин намуди маҳсулотро хоҷагидорони ноҳия дар соли гузашта хуб ҷамъбаст намуда, дар ғанӣ гардонидани дастархони пурнозу неъмати мардум дар соли ҷорӣ саҳми босазо мегузоранд.

Имрӯз дар ноҳия фаъолияти зиёда аз 200 нафар соҳибкорон ба қайд гирифта шудааст, ки саҳми онҳо дар ғанӣ гардидани Буҷети давлатӣ калон мебошад. Дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин омадааст: «Рушди соҳибкорӣ ва мусоидати ҳамаҷониба ба фаъолияти он аз ҷумлаи вазифаҳои аввалиндараҷаи Ҳукумати мамлакат аст, зеро соҳибкории хурду миёна, хусусан соҳибкории истеҳсолӣ яке аз омилҳои муҳими баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии мардуми кишвар ва заминаи боэътимоди таъмини рушди босуботи иқтисодиёти миллӣ, афзун намудани табақаи миёнаҳол ва ҳалли масъалаҳои иқтисодиву иҷтимоӣ мебошад».

Дар ин замина Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияи Ишкошим ҳамаи кӯшишро ба харҷ медиҳад, ки барои фаъолияти муназзаму самараноки соҳибкорон тамоми шароит фароҳам оварда шавад.

***Ҷ. НАЗАРБЕКОВ,***
***мудири шӯъбаи рушди иҷтимоӣ ва робита бо ҷомеаи Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияи Ишкошим***

# "АТЛАСИ ТОҶИК-2012" ҶАМЪБАСТ ГАРДИД

Дар Кохи маърифат ва фарҳанги шаҳри Истаравшан бо ибтикори Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилояти Суғд озмуни «Атласи тоҷик-2012» баргузор гардид. Дар он дӯзандагони моҳири корхонаву муассисаҳо, ширкату ҷамъиятҳои саҳомӣ, ҷамоатҳои деҳот ва маҳаллаҳои шаҳр иштирок карданд.



Чеварони чирадасти шаҳру деҳот аз рӯйи нӯҳ шарти озмун ҳунару истеъдод ва табъу завқи дӯзандагии хешро ба ҳозирин намоиш доданд.

Даставвал муовини раиси шаҳри Истаравшан Мӯсо Олимов баргузоршавии чунин чорабиниро, ки аз ҷониби Раёсати занон ва оилаи мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳр ташкил гардид, шодбош гуфта, хотиррасон кард, ки занону духтарони тоҷик тайи чанд соли охир ин намуди ҳунари мардуми қадимии ин сарзамини бостониро хеле ривоҷу равнақ дода, хоса дар зинда кардани анъанот ва суннатҳои миллии қадимаи тоҷик, аз қабили дӯхтани сару либоси анъанавӣ ба дастовардҳои шоиста соҳиб гардидаанд. Хусусан либосҳои дӯхтаи онҳо аз матои абрешимии атлас, ки хоси мардуми тоҷик мебошад, ба ҳусни занону духтарон ҳусни тоза зам менамояд.

Тибқи хулосаи ҳакамон, «шоҳҷоиза»- и озмун насиби дастпарвари омӯзишгоҳи касбӣ-техникии № 14-и шаҳри Истаравшан Фирӯза Ҳабибова гардид. Чеварони корхонаю ташкилотҳои «Хуршеди Истаравшан», «Нексоз», «Саман», «Садоқат», «Дилбар», ҳамчунин якчанд нафар дӯзандагони инфиродӣ соҳиби се ҷойи аввал ва ҷойҳои ҳавасмандкунӣ гардиданд.

- Дар озмун саҳми фаъоли дӯзандагони Омӯзишгоҳи касбӣ-техникии № 14-и шаҳрро, ки бо сарварии Нуриддин Туйчиев таълиму тарбия мегиранд, махсусан бояд зикр кард, - гуфт дар сӯҳбат сарвари Раёсати кор бо занону оилаи шаҳр Гулрӯй Пӯлодова. - Беҳуда нест, ки як тан аз дастпарварони ин омӯзишгоҳ соҳиби «шоҳҷоиза» шуд ва худи ин ҳунаристон дар байни муассисаҳои таълимӣ ва ширкатҳо соҳиби мақоми аввал гардид.

- Тоҷикон дар замонҳои қадим ба истеҳсоли атлас даст ёфта, онро давра ба давра рушд додаанд. Хусусан атласбофони Истаравшани бостон дар ин кор ҳамеша болодаст буданд ва идома додани ин анъаноти гузаштагон имрӯз ҳам аз манфиат холӣ намебошад. Месазад, ки ин ҳунари волоро имрӯз ба ҷавондухтарон омӯзем ва онҳоро пайрави ҳунармандон намоем, - мегӯяд Гулрӯй Пӯлодова.

***Ҳусейни НАЗРУЛЛО,***
***«Садои мардум»***

*Дар сурат: соҳиби "шоҳҷоиза" Фирӯза Ҳабибова бо устодаш Насиба Искандарова*

**● Вакилони халқ 1938-2010**

# ДАЪВАТИ ШАШУМ 1963 - 1967

**(Давомаш. Аввалаш дар шумораҳои гузашта)**



**МАХСУМОВА Мушарафа**
***Вакил аз ҳавзаи интихоботии Павлов №65, шаҳри Ленинобод***

Соли 1915 дар шаҳри Ленинобод таваллуд ёфтааст. Миллаташ тоҷик, таҳсилоташ олӣ.

Баъди хатми Институти тиббии Тошкент дар шаҳри Тошкент, баъд солҳои 1943-1955 дар шаҳри Ленинобод духтури консултатсияи бачагона шуда кор мекард. Аз соли 1955 духтур-педиатри таваллудхонаи Ленинобод буд.

Бо медали «Барои меҳнати шуҷоатнок» мукофотонида шудааст.



**УМАРОВ Очилбой**
***Вакил аз ҳавзаи интихоботии ба номи Содирхон №66, шаҳри Ленинобод***

Соли 1928 дар шаҳри Ленинобод таваллуд ёфтааст. Таҳсилоташ миёнаи нопурра.

Фаъолияти меҳнатиашро соли 1948 сар кардааст. Соли 1954 баъди адои хизмати ҳарбӣ дар Заводи автомобилтаъмиркунии Ленинобод шогирди устои сехи харротии механикӣ ва коркуни сехи моторсозӣ, соли 1957 сардори бригадаи сехи моторсозӣ шуда кор кардааст.



***ЭРГАШЕВ Султон Бобоевич***
***Вакил аз ҳавзаи интихоботии Сирдарё №67, шаҳри Ленинобод***

Соли 1929 дар шаҳри Ленинобод таваллуд ёфтааст. Миллаташ тоҷик, таҳсилоташ олӣ. Институти политехникии Осиёи Миёнаро хатм кардааст.

Фаъолияти меҳнатиашро соли 1953 сар кардааст. Аз соли 1955 геолог ва сардори экспедитсияи ҷустуҷӯйии геологӣ шуда кор мекард. Соли 1961 ба кори роҳбарикунандаи ҳизбӣ пешбарӣ карда шуд. Котиби Кумитаи марказии ҲК Тоҷикистон, раиси Бюрои КМ ҲК Тоҷикистон оид ба роҳбарии саноат ва сохтмон буд.



**ҚОСИМОВА Тӯтӣ**
***Вакил аз ҳавзаи интихоботии Хуҷанд №68, шаҳри Ленинобод***

Соли 1917 дар Ленинобод таваллуд ёфтааст. Миллаташ тоҷик, таҳсилоташ миёна.

Фаъолияти меҳнатиашро соли 1934 ҳамчун калобачии Комбинати шоҳибофии Ленинобод сар кардааст. Баъд ба фабрикаи шоҳибофӣ гузашта, бофанда шуда кор кард. Аз соли 1958 инструктори сехи бофандагии Фабрикаи шоҳибофии «Красний ткач»-и Ленинобод буд.



**ҲАСАНОВ Қаҳҳор Ғафурович**
***Вакил аз ҳавзаи интихоботии Гогол №69, шаҳри Ленинобод***

Соли 1927 дар шаҳри Конибодом таваллуд ёфтааст. Миллаташ тоҷик, таҳсилоташ олӣ.

Фаъолияти меҳнатиашро соли 1943 сар кардааст. Аз соли 1948 дар вазифаҳои роҳбарикунандаи комсомолӣ, Шӯравӣ ва ҳизби коммунисти шаҳрҳои Ленинобод ва Конибодом кор мекард.

Соли 1957 котиби якуми КМ ЛКСМ Тоҷикистон, аз соли 1960 котиби якуми кумитаи ҳизби коммунисти шаҳри Ленинобод шуда кор мекард.

Бо орденҳои «Нишони Фахрӣ» ва медали «Барои меҳнати шуҷоатнок дар Ҷанги Бузурги Ватании солҳои 1941-1945» мукофотонида шудааст.



**РАҲИМОВА Анзурат**
***Вакил аз ҳавзаи интихоботии Роҳи оҳан № 70, шаҳри Ленинобод***

Соли 1922 дар шаҳри Ленинобод таваллуд ёфтааст. Миллаташ тоҷик, таҳсилоташ олӣ.

Фаъолияти меҳнатиашро соли 1940 сар кардааст. Аз соли 1956 то соли 1960 котиби Кумитаи ҳизби коммунисти вилоятии Ленинобод, ҷонишини вазири маданияти ҷумҳурӣ шуда кор кардааст. Аз соли 1960 вазири таъминоти сотсиалии ҶШС Тоҷикистон буд.

Бо орденҳои Байрақи Сурхи Меҳнат, «Нишони Фахрӣ», ду медал ва Ифтихорномаи Раёсати Шӯрои Олии ҶШС Тоҷикистон мукофотонида шудааст.



**САМОЙЛОВ Леонид Николаевич**
***Вакил аз ҳавзаи интихоботии Норак №71, шаҳри Норак***

Соли 1919 дар вилояти Ярославл таваллуд ёфтааст. Миллаташ рус, таҳсилоташ миёна.

Фаъолияти меҳнатиашро соли 1937 сар кардааст. Дар Заводи таъмири механикии Данилов челонгар, дар сохтмони НОБ-ҳои Верхне-Свирск, Каховка, НОБ-и Днепродзержинский мошинисти экскаватор буд. Аз соли 1961 мошинисти экскаватори сохтмони НОБ-и «Норак» буд.

Бо ордени Байрақи Сурхи Меҳнат ва медалҳои «Барои ғалаба бар Германия дар Ҷанги Бузурги Ватании солҳои 1941-1945» ва «Барои ғалаба бар Япония» мукофотонида шудааст.



**КАРИМБЕРДИЕВ Худойбердӣ**
***Вакил аз ҳавзаи интихоботии Комсомол №72, шаҳри Панҷакент***

Соли 1928 дар деҳаи Дардари ноҳияи Айнӣ таваллуд ёфтааст. Миллаташ тоҷик, таҳсилоташ миёна.

Фаъолияти меҳнатиашро аз соли 1946 ба сифати узви колхози ба номи Свердлови ноҳияи Айнӣ сар кардааст. Аз соли 1950 коргар ва аз соли 1958 нақбкани қитъаи истифодашавандаи комбинат шуда кор кардааст.



**МӮМИНОВА Очабӯрӣ**
***Вакил аз ҳавзаи интихоботии Панҷакент №73, шаҳри Панҷакент***

Соли 1920 дар деҳаи Сори ноҳияи Панҷакент таваллуд ёфтааст. Миллаташ тоҷик, таҳсилоташ олӣ.

Фаъолияти меҳнатиашро соли 1934 сар кардааст.

Аз соли 1945 дар мақомоти ҳизбӣ ва Шӯравии ноҳияи Колхозчиён хизмат намуда, аз соли 1958 то соли 1960 котиби кумитаи ҳизби коммунисти ноҳиявии Панҷакент шуда кор кард. Соли 1960 раиси Комиҷроияи Шӯрои шаҳрии вакилони меҳнаткашони ноҳияи Панҷакент интихоб шуд.

Бо медали «Барои меҳнати шуҷоатнок дар Ҷанги Бузурги Ватании солҳои 1941-1945» мукофотонида шудааст.

**(Давомаш дар шумораҳои оянда)**

**Ба диққати хонандагони рӯзнома!**
**Хоҳишмандон метавонанд китоби «Вакилони халқ 1938-2010»-ро аз Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дастрас намоянд. Телефонҳо барои тамос: 221-35-53, 221-96-78**

●Зикри хайр

# МАСЪУЛИЯТШИНОСУ СЕРМАҲСУЛ БУД



Соли 2005 Ҳизби халқии демократии Тоҷикистон аз ҳавзаи ягонаи умумиҷумҳуриявӣ номзадии Хадича Фатҳуллоевна Ҳакимоваро ба вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намуд. Баъди вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб шуданаш Хадича Ҳакимова хуб дарк менамуд, ки чӣ гуна масъулияти бузургеро ба ӯҳда гирифтааст. Вакилӣ дар парламенти касбӣ бо куллӣ аз фаъолияти қаблиаш фарқ мекард. Агар то ин дам дар вазифаҳои гуногун, аз ҷумла ҳамчун судя фаъолият дошта, қонунҳоро дар амал татбиқ менамуд, пас дар Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд ба таълифи қонунҳо машғул шавад. Иҷрои ин кор аз ӯ масъулият ва кордонии зиёдро тақозо мекард. Бо чунин дарки баланди масъулият Хадича Фатҳуллоевна дар мақоми олии намояндагӣ ва қонунгузорӣ - парлумони касбӣ шурӯъ ба фаъолият намуд.

Хадича Ҳакимова ҳамчун ҳуқуқшинос узви Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба қонунгузорӣ ва ҳуқуқи инсон (ҳамзамон, узви Комиссия оид ба одоби вакилон) дар таҳияи лоиҳаҳои қонунҳо, мукаммалгардонӣ ва баланд бардоштани сатҳу сифати онҳо саҳм гузошт.

Яке аз самтҳои муҳими фаъолияти вакилӣ - фаъолияти қонунгузорӣ ба шумор меравад. Мутобиқи Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон», Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи вазъи ҳуқуқии узви Маҷлиси миллӣ ва вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» вакилон ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ доранд. Бо истифода аз ин ҳуқуқ дар давраи фаъолияти Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати сеюм Хадича Ҳакимова панҷ лоиҳаи қонун пешниҳод намуд, ки онҳо қабул ва мавриди амал қарор гирифтанд.

Зикри он нукта муҳим аст, ки дар амалӣ шудани Барномаиислоҳоти судӣ -ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон саҳми вакил Хадича Ҳакимова назаррас мебошад. Месазад фаъолияти вакилии ӯро дар таҳияи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи қабул ва мавриди амал қарор додани Кодекси мурофиавии граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон» ёдрас шуд. Ҳамчун вакили мутасаддӣ оид ба омода намудани лоиҳаи қонуни мазкур муддати ҳафт моҳ заҳмат кашида, дар иҷлосияи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Хадича Ҳакимова мақсади қабули Кодекси мазкурро ҳамаҷониба фаҳмонда, таҳлил намуд ва афзалияту бартарии онро нишон дода тавонист.

Мавсуф ҳамчун узви ҳайати гурӯҳи корӣ оид ба омода ва мукаммалгардонии Кодекси Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи мурофиаи судии иқтисодӣ ва Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, бахри такмили матни кодексҳои мазкур таклифу пешниҳодҳои муфид намуд. Хадича Ҳакимова инчунин вакили мутасаддӣ оид ба омода намудани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи истеҳсолоти иҷро» ва субъекти ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба қонунҳои конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва «Дар бораи мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба ҳисоб меравад.

Ҳамчун донандаи ҳуқуқ Хадича Ҳакимова ҳамеша мепиндошт, ки қонунҳо бояд саҳеҳу возеҳ бошанд, то дастраси ҷомеа гарданд, зеро онҳо барои ҳимоя ва манфиату рушди ҷомеа таҳияву қабул мегарданд.

Ӯ аз ҷумлаи вакилони пурмаҳсул ба ҳисоб мерафт. Ҳамчун вакили мутасаддӣ аз ҷониби кумитаи масъул дар ҷаласаҳои иҷлосияи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон доир ба шарҳу тавзеҳи лоиҳаи қонунҳои баррасишаванда баромад менамуд. Маҳз чунин муносибат ба кор, серталабӣ нисбати худ, дарки рисолати вакилӣ, доштани дониши амиқи тахассусии ӯ буд, ки лоиҳаи қонунҳои таҳиянамудаи Хадича Ҳакимова ҷавобгӯйи талаботи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои байналмилалии эътирофнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, бо сабаби номукаммалӣ ё доштани норасоиҳои дигар аз ҷаласаҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ё Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон баргардонда нашудаанд. Барои чунин фаъолияти хубаш ба ӯ борҳо аз ҷониби Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон раҳматнома эълон шудааст.

Маҳз чунин хислатҳои наку, соҳиби дониши амиқи касбӣ, таҷрибаи бой дар фаъолияти қонунгузории Хадича Ҳакимова буд, ки бори дуюм дар Анҷумани X Ҳизби халқии демократии Тоҷикистон номзадии ӯ ба вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбарӣ гардид.

Фаъолияташ дар давраи вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати чорум низ пурмаҳсул буд. Ҳамчун узви Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба қонунгузорӣ ва ҳуқуқи инсон ва баъдан муовини раиси кумитаи мазкур дар самти қонунэҷодкунӣ аз донишу маҳорат ва таҷрибаи андӯхтааш босамар истифода бурд. Бо истифода аз ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ Хадича Ҳакимова дар ҳамкорӣ бо дигар вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи мурофиаи судии иқтисодӣ», лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи истеҳсолоти иҷро» ва ғайраро таҳия ва барои қабул пешниҳод намудааст. Аз номи кумитаи масъул Хадича Ҳакимова дар ҷаласаҳои Иҷлосияи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати чорум доир ба лоиҳаи Қонуни мукаммали Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи нотариати давлатӣ», лоиҳаи Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва ҳамчун субъекти ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ бо тавзеҳи пурраю муфассал мақсади қабули онҳоро пешниҳод намудааст.

Вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҳмадалӣ Ватанов ва Хадича Ҳакимова бо истифода аз ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистонро «Дар бораи ҳимояи давлатии иштирокчиёни мурофиаи судии ҷиноятӣ» таҳия намуданд, ки ҳоло қабул шуда, мавриди амал қарор дорад. Муаллифон аз тариқи нашрияи парлумонӣ қонуни мазкурро, ки ҳимоя ва ҳифзи иштирокчиёни мурофиаи судии ҷиноятиро дар бар мегирад, ҳамаҷониба шарҳу эзоҳ доданд.

Хадича Ҳакимова бо вуҷуди вакили сермаҳсул будан ба рӯзномаи «Садои мардум» бо мақсади ҳамаҷониба таҳлилу тафсир намудани қонунҳо маводи хонданию ҷолиб пешниҳод мекард. Чунончӣ, мусоҳибаи муаллифи ин сатрҳо бо Хадича Ҳакимова вобаста бо Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тартиб ва шароити дар ҳабс нигоҳ доштани гумонбаршуда, айбдоршаванда ва судшаванда» дар рӯзнома нашр шуд. Қонуни мазкур мукаммал буда, тартиб ва шароити дар ҳабс нигоҳ доштани гумонбаршуда, айбдоршаванда ва судшавандаро танзим намуда, кафолати ҳуқуқу манфиатҳои қонуниашонро муайян менамояд.

Ҳамин тариқ, Хадича Ҳакимова муддати дар парлумони касбии кишвар фаъолият доштан тамоми дониш, маҳорату малака ва неруи зеҳнии худро ба таҳияву такмили санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, тақвияти парламентаризм сарф намуд. Ҳамчун узви Комиссияи доимии Ассамблеяи Байнипарламентии Иттиҳоди Иқтисодии АврuОсиё оид ба масоили ҳуқуқӣ бо «Ифтихорнома»-и ин созмон қадрдонӣ шудааст.

Хадича Ҳакимова ҳамчун инсони хоксору покдилу самимӣ дар байни ҳамкорон сазовори эҳтироми бузург буд. Вай 3 июли соли равон зодрӯз дошт ва ба синни 50-солагӣ қадам мегузошт. Аммо чӣ илоҷ, ки назди марг ҳама бечораем. Марги нобаҳангом ӯро аз байни мо рабуд. Ёди неку хотираи дурахшонаш дар дили дӯстону ҳамкорон, онҳое, ки ӯро медонистанд, то абад боқӣ мемонад. Ин суханони самимиро аз бисёр ҳамкоронаш шунидем.

Вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Сабоҳат Муқумова аз хислатҳои неки марҳум ёдрас шуд. Онҳо дар як сол ба факултаи ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дохил шудаанд. Вай аз русто омада, бо заҳмат, донишу қувваи худ унвони донишҷӯйиро соҳиб шуд. Минбаъд риштаи дӯстӣ онҳоро бо ҳам пайваст. Беш аз сӣ сол онҳо дугонаю ҳамкасб ва муносибати дӯстонаи оилавӣ доштанд.

Хадича Ҳакимова касбашро хеле дӯст медошт. Зани меҳнатӣ, нисбат ба кор содиқ ва ҷиддию серталаб, мубориз буд. Аз ҳама муҳим хоксору оддӣ буд, дар рафтору тарзи гуфтораш. Ӯ ба ҳар мартабае расид, мегӯяд Сабоҳат Муқумова, натиҷаи меҳнату дониш ва таҷрибаи андӯхтааш мебошад. Серкорию серғайратӣ ва пурбориаш ҳангоми вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон низ собит шуд.

Хадича Ҳакимова дар зиндагӣ бо ҳама хислатҳои неки инсонӣ аз худ нишон монд. Ёдаш ба хайр.

***Аъзам МӮСОЕВ,***
***«Садои мардум»***

# ҚАЗИЯИ ЯК НОМА




Аз номи иштирокчии Ҷанги Бузурги Ватанӣ Убайдулло Мирмуллоев, маъюби гурӯҳи якум, унвонии рӯзнома мактуби шикоятӣ расид. Муаллифи он оид ба вазъи зиндагиаш ибрози назар карда, аз муносибати ноодилонаи роҳбарияти шаҳри Хуҷанд дар мавриди дастгирӣ ва кӯмаки моддӣ шикоят намудааст. Мо нусхаи ин номаро барои санҷишу баррасӣ ба хабарнигорамон дар вилояти Суғд М. Абдулло равон кардем. Хабарнигор дар ин робита бо фарзанди Убайдулло Мирмуллоев ва муовини аввали раиси шаҳри Хуҷанд И. Иброҳимов вохӯрда, доир ба масоили дар нома зикрёфта сӯҳбат кард ва тавре аз ин мулоқот хулоса мекунад:

«Таври расмӣ ва дақиқ маълумам гардид, ки шикояткунандаро, аз муовини аввали раиси шаҳри Хуҷанд И. Иброҳимов сар карда, то раиси шаҳр ба ҳузур пазируфта, унвонашон хаттӣ ҷавоб гуфтаанд. Аз ҷумла:

И. Иброҳимов иброз дошт, ки ин шаҳрванд ҳамеша бо ғамхориҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилоят ва шаҳр фаро гирифта шуда, мактуб асоси воқеӣ надорад.

Ташкилкунандагони ин мактуб фарзандони мӯйсафед буда, мехоҳанд бо истифода аз имтиёзҳои падар ниёзҳои худро қонеъ кунанд. Онҳо давоми чанд соли охир дар арафаи таҷлили рӯзи Ғалаба ба мақомоти вилоятӣ ва ҷумҳуриявӣ арзу дархост пешниҳод мекунанд.

Ба Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳри Хуҷанд аз номи Убайдулло Мирмуллоев санаҳои 27 март, 20 ноябри соли 2010, 29 январ, 2 август, 18 августи соли 2011-ум барои гирифтани қитъаи замини наздиҳавлигӣ ва масолеҳи сохтмонӣ ариза ва мактубҳо ирсол ва баррасӣ гардидаанд.

Тибқи Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон алҳол ба сокинон қитъаҳои замини наздиҳавлигӣ ҷудо гардида истодааст ва додани замини обӣ манъ буда, асосан замини чарогоҳ ва лалмӣ тақсим мешавад. Якчанд маротиба ба муаллифи мактуб замин тақсим шудааст, аммо аз сабаби дур ва беоб буданаш ӯ заминро нагирифта, хоҳиши аз наздикии шаҳр додани қитъаи заминро кардааст. Ҳарчанд ин хоҳишаш ғайриимкон буд, вале қонеъ карда шуд.

Дар мавриди кӯмак бо масолеҳи сохтмонӣ бошад, аз ҷониби мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳр ба ин оила 1,0 $м^3$ тахта, 40 дона шифер, 3000 дона хишти пухта ва 6 $м^3$ шағал ҷудо ва дастрас карда шуд. Қаблан фарзанди У. Мирмуллоев Хуршеда Абдуғаниева дар рӯзи қабули муовини аввали раиси шаҳр оиди бо масолеҳи сохтмонӣ таъмин намудан бо ариза 9 июли соли 2011-ум муроҷиат карда буд. Ба ӯ посух доданд, ки имкони ҳар сол масолеҳи сохтмонӣ кӯмак кардан мавҷуд нест.

Тибқи ваъда бояд фарзанди муаллифи мактуб баъд аз 20 апрел бори дигар бо ман мулоқот мекард, вале то ҳол пайдо нашуд.

Аз ин рӯ, хоҳиш менамоям, ки мактуби шикоятии мазкурро баррасӣ шуда ҳисобида, онро аз назорат соқит намоед».

***Бо эҳтиром,***
***М. АБДУЛЛОЕВ,***
***хабарнигори минтақавии рӯзнома***

# Насли наврасро ба андешаи хирадмандона бояд расонд

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар вохӯриву ҷамъомадҳо бо зиёиён, аҳли ҷамоатчигии кишвар доимо таъкид менамоянд, ки ба тарбия ва воя расонидани фарзандон аҳамияти ҷиддӣ дода, онҳоро дар рӯҳияи ватанпарварӣ, меҳнатдӯстӣ, эҳтироми калонсолон ва ҳамқадам бо замон будан ба камол расонанд. Ҳоло дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ҷавонону наврасон тамоми шароит фароҳам оварда шудааст, зеро фардои Тоҷикистони азиз дар дасти онҳост. Мутаассифона, баъзе наврасон ба қадри ин ҳама ғамхорӣ нарасида, аз таълиму тарбия дур мондаанд. Аз шароити хуби таълимӣ истифода намебаранд ва даст ба амалҳои ношоиста мезананд.

Дар ин ҷода набояд наврасон ва ё ноболиғонро гунаҳкор кард, зеро тарбияи онҳо аз падару модар вобастагии калон дорад. Наврасон бештари вақти худро дар хона сипарӣ намуда, танҳо 6-7 соат дар мактаб мебошанд. Қабул шудани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» иқдоми саривақтӣ буда, аз тарафи мардуми кишвар якдилона дастгирӣ ёфт, аммо волидони бемасъулият низ зиёданд, ки ба фарзандони худ аҳамият намедиҳанд. Чунончӣ, баъзе падару модарон аз он ки фарзандонашон бо телефони ҳамроҳ ба мактаб мераванд ё бо мошин рафтани донишҷӯй ба донишгоҳ бепарвойӣ мекунанд.

Кӯдакон ва наврасон бештар ба бозиҳои компютерӣ машғул мешаванд, вале баъзе падару модарон аз ин амали онҳо бехабаранд. Дар шаҳри Душанбе мунтазам амалиёте гузаронида мешавад, ки зимни он наврасоне, ки дар вақти дарс ё шаб беҳудагардӣ мекунанд, ҷарима карда мешаванд.

Дар замони ҳозира кам падару модароне ҳастанд, ки ба фарзандашон китоб харида, гӯянд писарам, хон. Ҳоло дар миёни мову шумо ашхосе ҳастанд, ки бо мақсади харидории диск барои фарзандашон 2000 сомонӣ харҷ мекунанду афсӯс, ки барои хариди китоб ягон дирам ҳам сарф намекунанд. Мо кай рӯ ба китоб меорем?

Ҳалли ин масъаларо, пеш аз ҳама, аз мактаб оғоз кунем, хуб мешуд. Дар дар ин бобат аз таҷрибаи баъзе мактабҳои пешрафта метавон истифода бурд. Чунончӣ, дар гимназияи рақами дуюми шаҳри Душанбе барои хонандагони болаёқати ҷумҳурӣ хонандагон охири ҳар як чоряк, зимни таътил вазифадор мешаванд, ки китобҳои бадеӣ мутолиа кунанд. Озмун чунин сурат мегирад: хонандагони синфи 1- 4 ҳадди ақал 10-15, синфҳои 5- 8 на камтар аз 25-30 ва хонандагони синфҳои болоӣ аз синфи 9 то 11-ум 50- 60 китоби бадеӣ мутолиа мекунанд. Ин таҷрибаро дар дигар таълимгоҳҳо ҷорӣ кардан манфиатбахш мебуд.

***Хирадманд АНВАРӢ,***
***хатмкардаи гимназияи рақами дуюми шаҳри Душанбе***

# Дар ҷойҳои ҷамъиятӣ бояд ба тозагӣ риоя кард

Мо ҳама шоҳиди бунёдкориҳо дар соли ҷашни 20- солагии Истиқлолияти давлатии Тоҷикистони азизамон дар шаҳру ноҳияҳои кишвар гардидем. Аз ҷумлаи рӯйдоди фараҳбахш мавриди баҳрабардорӣ қарор гирифтани Боғи фарҳангу фароғатӣ дар гӯшаи зебоманзари пойтахти кишварамон- шаҳри Душанбе мебошад. Имрӯз мо шаҳрвандон дар рӯзҳои истироҳатӣ ба он ҷо рафта, каме ҳам бошад роҳат мекунем. Ободии Ватанро дар ризогии Худованд дида, шукргузорӣ аз тинҷию субот менамоем. Мо як гурӯҳ сокинони пойтахт аз созандагию ободкории Роҳбарияти кишварамон, бахусус Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон, ки ин роҳро пешаи хеш дониста, ба хуррамгардонии Тоҷикистони азизамон даст задааст, миннатдории хешро расониданием. Аммо, мутаассифона, бархе аз бошандагони шаҳр дар ҷойҳои ҷамъиятӣ ба вайронкорӣ даст мезананду ба қадри заҳмати дигарон намерасанд. Партофтани коғазпора, пучоқи офтобпарасту писта дар ин ҷо ҳамеша ба чашм мерасад. Ин корҳо зебандаи сокини пойтахт нест. Чунин ҳолатҳоро дар боғҳои дигари фароғатӣ низ вохӯрдан мумкин аст. Охир инсоф мебояд! Бубинед, чӣ гуна гӯшаҳои зебоманзар барои мо бунёд шудааст, то ҳузуру ҳаловат кунем. Барои ташкил намудан ва обод кардан меҳнати зиёд ва маблағи калон сарф шудааст, коргарон араќи ҷабин резонидаанд.

Аз ин рӯ, шаҳрвандони азизи пойтахтро даъват менамоем, ки ба қадри ин ободкориҳо бирасанду дар боз ҳам гул- гулшукуфоии пойтахти кишварамон саҳм гузоранд.

***Фотима КОКУЛОВА,***
***Ойим ҚАРАЕВА,***
***Хайрӣ ОДИНАЕВА,***
***сокинони шаҳри Душанбе***

# ПАЁМ АЗ МАДИНА

Бобои Сайдакобири 96 - сола, мисли дигар ҳамватанони бурунмарзиаш, азобу уқубатҳои мудҳишеро дар ҳаёти хеш чашидааст. Ӯ зодаи водии Вахиёи Тоҷикистон буда, як сол дар деҳаи Сангдара ва даҳ соли дигар дар деҳаи Чашмаи ҷӯшон умр ба сар бурда, соли 1935 бо сабабҳои маълум (таъқиби бою муллоҳо) гуреза шуда, ба мулки ҳамсояи Афғонистон фирор намудааст. То соли 1981 дар Афғонистон ҳамроҳи зану фарзандон зиндагӣ карда, боз ба таъқиби гурӯҳҳои нохалафон афтода, ин дафъа маҷбур мешавад, ки барои эмин мондан ва паногоҳ ёфтан, ҳамроҳи аҳли хонавода ва як нафар ҳамватанаш - бобои Нозим дубора кӯч баста, ба шаҳри Мадинаи Арабистон мераванд. Ҳоло 31 сол мешавад, ки дар ин мулки дурдаст дар ғарибӣ ба тақдир тан дода, дар фироқи Ватан ва диёри аҷдодӣ ғамолуд умр ба сар мебаранд.

Дар мавсими ҳаҷ ману писару завҷаам ва боз чандин ҳоҷиёни дигари Ватан ҳашт рӯз дар Мадинаи Мунаввара будем.

Шаби сеюми меҳмонӣ хеле дар хотирам нақш баст, зеро дар ҳузури мо бобои Сайдакобир аз ҳаёти худ, шиносони дар Ватан буда, хешу таборонашон бо чашмони ашколуд, ширин-ширин нақл мекард.

-Шумо рафта ба ҳамватанон, пиру ҷавонон саломи пурмеҳру муҳаббатамро расонед ва гӯед, ки Тоҷикистон мулки хеле кӯчак аст. Шароити Арабистон дигар асту аз Тоҷикистон дигар. Ҳар касе дар масҷидҳои ин ҷо чӣ хеле намоз мегузорад, касе ба ӯ кор надорад. Дар Тоҷикистон бошад, шароит дигар аст. Ба ҳар равияю ҷараёнҳо ва мазҳабҳо гаравидан боиси хусумату зиддият, баҳсу мунозира, муноқиша ва оқибат ҷангу ҷидол мегардад. Ҳама пайрави як равия, як мазҳаб бояд бошанд. Ин гуфтаҳоям танҳо ба хотири тинҷӣ, амният ва якпорчагии Ватану миллати азизам мебошанд. Тинҷию ободии Ватан орзуи ҳамешагии ман аст. Дар амони Худои пок бошед, - гуфта, дуо дод ба мо бобои Сайдакобир.

Ин суханони пирамарди ғарибу бечораи дур аз Ватан хеле пурмаъниaнд ва паём, ки қарз аст, мо онро ба шумо расонидем.

***Ҳоҷиҳусайн БАҲОДУРОВ,***
***деҳаи Сангдараи ноҳияи Мӯъминобод***

***Масъули гӯша Ф. ҲАБИБУЛЛОЕВА***

● Роҳхат ба Бозиҳои XXX тобистонаи олимпии Лондон-2012

# ДОҒИСТОНИЕ, КИ НОМБАРДОРИ ТОҶИКОН АСТ

Овони наврасӣ, замоне ки бори аввал бо эҷодиёти адиби машҳури доғистонӣ Расул Ғамзатов шинос гаштам, ба худ андешидам, ки дар аксар мавриди мардуми Доғистон бо тоҷикон шабеҳанд. Чун ин андешаро ба падари бузургворам, ки аҳли илм буданд, арз намудам, он кас низ бо пешниҳоди далелҳои мӯътамад доир ба таърихи ин халқият маро ба дурустии андешаам мӯътақид сохтанд. Муносибати дӯстонаи халқи тоҷик бо доғистониҳо хеле хуб буд. Танҳо мисол овардани дӯстии Қаҳрамони Тоҷикистон Мирзо Турсунзода бо Расул Ғамзатов метавонад далели возеҳ бошад.

Агар ин муносибатро дар замони кунунӣ бозгӯйӣ намоем, пас бамаврид аст аз фаъолияти пурмаҳсули собиқ Сафири Фавқулодда ва Мухтори Федератсияи Россия дар мамлакатамон, зодаи ин ҷумҳурӣ Рамазон Абдулатипов ёдовар шавем, ки ҳатто пас аз ба поён расидани ваколати сафириаш низ ба сифати ходими намоёни давлатӣ аз манфиатҳои тоҷикон ҳимоя менамояд. Шояд ҳамин умумиятҳо буд, ки айни замон паҳлавони доғистонӣ Юсуф Абдусаломов дар намуди гӯштии озод зери Парчами Ҷумҳурии Тоҷикистон баромад мекунад. Номбурда дар Бозиҳои 29-уми тобистонаи олимпии Пекин бомуваффақият баромад намуда, соҳиби медали биринҷӣ гардида буд.

Басо хурсандибахш аст, ки ба наздикӣ ин паҳлавон ба Бозиҳои XXX тобистонаи олимпии Лондон - 2012 роҳхат гирифта, ин дафъа низ зери Парчами Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бахши гӯштии озод қувваозмоӣ мекунад.

Азбаски номбурда айни замон хориҷ аз кишвар ба бозиҳои тобистонаи олимпӣ омодагӣ мебинад, мо имкони сӯҳбати рӯ ба рӯ бо ӯро надорем. Бинобар ин, барои пайдо намудани маълумот рӯй овардам ба Шабакаи умумиҷаҳонии интернет.

Маълум гардид, ки Юсуф Абдусаломов 8 ноябри соли 1977 дар деҳаи Ансолтаи Ҷумҳурии Доғистони Федератсияи Россия дида ба олами ҳастӣ кушодааст. Хатмкардаи факултаи варзиши Донишгоҳи давлатии омӯзгории Доғистон аст. Устоди варзиши дараҷаи байналмилалӣ буда, ҷоизадори як қатор мусобиқаҳои бонуфузи ҷаҳонӣ мебошад. Оиладор, соҳиби се фарзанди дустрӯяк аст. Бардоштҳои ӯ аз вохӯриаш бо донишҷӯёни тоҷик, ки дар арафаи Рӯзи ҷавонони Тоҷикистон сурат гирифт, хеле ҷолиб мебошад.

-Аз вохӯрии мазкур ман бори дигар мӯътақид гаштам, ки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шаҳрвандони он ба ман эҳтиром ва эътимоди зиёд доранд. Омили мазкур маро водор менамояд бо рӯҳу илҳоми тоза баҳри боз ҳам баланд бардоштани парчами ин мамлакат дар арсаи байналмилалӣ ҷаҳду талош намоям, - иброз доштааст мавсуф.

Чанде пеш раиси Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Маликшо Неъматов дар қатори дигар варзишгароне, ки роҳхат ба Бозиҳои XXX тобистонаи олимпии Лондон-2012-ро ба даст овардаанд, ба Юсуф Абдусаломов низ тӯҳфаи пулӣ тақдим намуд, ки боиси рӯҳбаландии номбурда шуд.

Зери Парчами Ҷумҳурии Тоҷикистон баромад намудани мавсуф ба ҳеҷ ваҷҳ маънои онро надорад, ки ӯ дар сарзамини худ соҳибэҳтиром нест. Баръакс, маҳбубияти ӯ дар зодгоҳаш то ҳаддест, ки ба шарафи ӯ ҳамасола мусобиқаи махсус гузаронида мешавад. Бино ба гуфти Юсуф Абдусаломов, ки дар ин чорабинӣ ба сифати меҳмони фахрӣ ширкат меварзад, ӯ ният дорад минбаъд ба он паҳлавононро аз Ҷумҳурии Тоҷикистон даъват намояд.

Ба суоли хабарнигорон вобаста ба назари ӯ доир ба паҳлавонони тоҷик посух гуфта, номбурда онҳоро мавриди ситоиш қарор додааст.

Зиёданд паҳлавононе, ки дар сурати такмил додани маҳораташон метавонанд обрӯву эътибори Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар сатҳи байналмилалӣ боз ҳам баланд бардоранд, - мегӯяд ӯ.

Мушоҳида мегардад, ки баъзе варзишгарони тоҷик иддао менамоянд, ки Ҳукумати ҷумҳурӣ ва сохторҳои марбута ба онҳо хеле кам таваҷҷуҳу ғамхорӣ доранд. Ҳамзамон як қисмашон «таҳдид» намуда буданд, ки зери парчами кишварҳои бегона баромад хоҳанд кард.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар яке аз суханрониҳои худ аз чунин муносибати ин қабил варзишгарон ба шигифт омада, онро ба надоштани ҳисси баланди худогоҳиву меҳандӯстӣ мансуб донист. Вале муҳаббату эҳтироми Юсуф Абдусаломов ба Ҷумҳурии Тоҷикистон то ҳаддест, ки ӯ ба суоли «таҳдор»-и журналистон бобати тасмимаш дар сурати даст кашидани ҷониби Тоҷикистон аз дастгирии ӯ чунин посух гуфтааст: «Бе дастгирӣ, албатта, душвор аст. Вале ман ба ҳеҷ ваҷҳ аз роҳи интихобнамудаам пас нахоҳам гашт. Бинобар ин, ба хотири шаъну шарафи худ ва эҳтироми мухлисон ва муҳаббати беандозаам ба Ҷумҳурии Тоҷикистон барои баланд бардоштани Парчами Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Бозиҳои XXX тобистонаи олимпии Лондон-2012 кӯшиш хоҳам намуд».

***Далер МЕРГАНОВ,***
***«Садои мардум»***

● Адиб ва ҷомеа

# Воқеият дар шакли бадеият кори саҳл нест

Имрӯзҳо бо шарофати соҳибистиқлолӣ нашриётҳои давлатӣ ва хусусӣ китобҳои зиёде ба нашр мерасонанд ва хонанда барои интихоб ва мутолиаи асари лозимӣ душворӣ намекашад. Мушоҳидаҳо собит менамоянд, ки вақтҳои охир хонандагони асарҳои насрӣ, бахусус дар байни калонсолон (шахсони аз 40-сола боло) бамаротиб афзудааст. Яке аз чунин асарҳои бузургҳаҷм романи сегонаи нависанда Сайдаҳмади Зардон «Вахш» мебошад, ки мавзӯи он таваҷҷуҳи зиёди хонандагонро ба худ ҷалб кардааст.

Мавзӯи муҳоҷират ва Вахш дар адабиёт нав нест. Он қаблан дар асарҳои бузургҳаҷми устодон С.Айнӣ, М.Миршакар, Б.Ясенский, Р.Ҷалил, Ҷ.Икромӣ ва Ю.Акобиров ва дигарон бо паҳлуҳои гуногун тасвир ёфта буд, вале нависанда С. Зардон масоили муҳоҷирати Вахшро дар қисмати аввали роман ва муҳоҷирату мардикории охири садаи XX дар қисмати ниҳоӣ ба риштаи тасвир кашида, онро мувофиқи сабку услуби ба худ хос мавриди таҳқиқи бадеӣ қарор додааст.

Сужети фарохи роман, ки фарогири замонҳои мураккаби солҳои 30-юм ба баъд мебошад, барои доманпардозии силсилавоқеаҳо имкон додааст. Нависанда дар майдони адабиёт хирмани панду ҳикмате бунёд мекунад, ки он ба хонанда дар ҷодаи ҳаёт тӯшаи роҳ медиҳад, дарси инсоншиносӣ меомӯзад, худшиносӣ ёд медиҳад. Ин хирмани маънӣ аз амалиёт ва таовуну таоруфи персонажҳои асар ороста шудааст.

Ҳабиб аз насли аввали қаҳрамонони асар буда, бо хислатҳои ба худ хоси хотирмон тасвир ёфтааст. Характери ӯ дар лаҳзаҳо - ҳангоми муколама, равиши воқеаҳо ва кушодани ботинаш маълум мегардад. Ӯ, мисли падари берун аз тангнои кӯҳистон баромадаю дунёдидааш, идомабахши шуғли ӯст ва хислати ибратомӯзӣ дорад.

Ҳабиба (ҳамсари Ҳабиб) яке аз қаҳрамонҳои марказии асар маҳсуб мешавад. Сайдаҳмади Зардон симои қаҳрамони асарашро бештар ба се хислат ҷамъбаст кардааст: аввалан, дар қиболи мушкиливу хатарҳои рӯ ба рӯ сабур будан, дуввум, ҷасорат доштан ва севвум, барои ба ҳадаф расидан муборизаи қатъию оштинопазир бурдан. Ҳусни оламгири Ҳабиба марғубу ҷаззоб, лирикона мавриди тасвир қарор ёфтааст: «...наргис раъноӣ аз чашми ӯ бардошта, лола аз ҳусни ҷамоли вай ранг гирифта. Ба қавле, гесӯвонаш як дара, абрӯвонаш як дара ва ҷамоли бо ҳунари рассоми нозуккаёл тарошидааш дараи дигареро мемонд. Ӯ закоти ин ҷамоли мунавварро ошиқона ба сандуқи қалби Ҳабиб ҳадя мекард». (саҳ.99)

Нависанда образи Ҳабибаро бо тозакориҳои эҷодӣ - зани соҳиби шуури баланд, ботадбиру оқила, баномус, таслимнопазир ва шӯҳратёр офаридаву корномаи меҳнатии вайро аз ибтидо то интиҳо бо ҷанбаҳои психологию иҷтимоӣ бозтоб дода, хонандаро ба умқи таърих мекашад.

Диди хоси эҷодӣ ва масъулият ба нависанда даст додааст, ки тору пуди вуҷуди қаҳрамононашро бо сифатҳои олии ватандӯстӣ сиришта, симои онҳоро чун чароғафрӯзон хотирмону мунъакис намояд. Ҳабиби барзгар аз насли дуввуми қаҳрамонони мусбати асар аст ва ӯ эҳсосгари набзи замин, рӯшангари зиндагӣ, таҳамтан, чорагар, таҳаммулпазир қаламдод гардидааст. Менамояд, ки ӯ фақат як барзгари оддист, аммо нангу номусаш, мисли модарбузурги Ҳабиба, дар ду ҷаҳон намеғунҷад. Адиб василаи ин образ ташаккули шахсияти инсон, зина ба зина камол ёфтани ҳисси худшиносиро собит карда, дар бозгӯи он аз услуби таҳлилӣ кор мегирад. Хонанда аз ин чеҳра дармеёбад, ки образ қобилияти худтаҳлилӣ ва худбаҳодиҳӣ дошта, мавқеи инсонро дар ҳолатҳои душвор озмоиш мекунад. Масалан, пораи зер, ки нидои Ҳабиб аст, ба гуфтаҳо далел буда метавонад: «Касе, ки ору номус, муҳаббату имон ва деҳаашро дӯст дорад, зудтар бирасад, ки дигарон ҳам биёянд. Вақти нангу мардист. Медонед, «Букқа дар шаҳри дигарон модагов аст». Модаговӣ бас! Агар худамон деҳаро обод накунем, каси дигар ба ҷои мо обод намекунад, худамон ғами худамонро нахӯрем, каси дигар ғами моро намехӯрад».

Ба ин минвол, Аҳмади Ҳабиб (фарзанди Ҳабиб, набераи Ҳабиба) ҳам аз мукаммалтарин қаҳрамонони марказии асар буда, тавассути таҳқиқи бадеӣ паҳлуҳои гуногуни хулқу атвор, заковати фитрӣ ва диди эстетикию ҷаҳонбинии ӯ дар равиши воқеаҳо табиӣ ва барҷаста во гаштаанд. Назари тозаи нависанда ба воқеияти зиндагӣ будааст, ки ширинтарин ва талхтарин лаҳазоти ҳаёти инсониро дар симои ин қаҳрамон шоиста таҷассум намудааст.

Воқеиятофарӣ аз таърихи зиндагиномаи мардум дар шакли бадеӣ кори саҳл нест, албатта. Вале адиб тавонистааст, ки дар симои Аҳмади Ҳабиб тафаккури бадеии зиёиёни пешқадамро ба тасвир гирад. Ӯ ба олами ҳастӣ, ба инсонҳои поксиришт, ба ҳар ваҷаб хоки замини муқаддас дили гарму рӯҳи болида ва назари хирадмандона дошта, саропойи вуҷуд ва сиришташ моломоли ахлоқи неки инсонӣ ва тафаккури созандаю бунёдкорона мебошад. Ин аст, ки хонанда аз ӯ хислатҳои наку ва шоистаашро қабул ва пайгирӣ мекунад. Бунёди сужети роман ва ҳадафи ғоявии адиб низ ҳамин аст.

Рӯй овардани нависанда ба арзишҳои ахлоқию бадеӣ имконият фароҳам овардааст тавонад зимни баёни сужети асар дар симои Аҳмади Ҳабиб инсоне офарад барои анҷоми корҳои нек, ёрӣ ва сарпарастӣ ба ниёзмандон. Чунончӣ, Гӯши Чашм, яъне директор Муроди Ҷобир аз нотавонбинӣ барои Аҳмади Ҳабиб чоҳ мекобад, то пайи қадамашро аз мактаб рӯбад, аммо рӯзу соате фаро мерасад, ки Аҳмади Ҳабиб амалҳои носавоби ӯро аз дил рондаю кинаро як сӯй гузошта, аз тири камони Асади сархӯру мулло Сангалӣ наҷоташ медиҳад. Адиб ҳамин гуна сифатҳои неки покниҳодӣ, чашми ҳамабин доштан ва қалби рӯшани қаҳрамонашро берун аз хоки кишвар, ҳангоми муҳоҷират дар Россия ҳам рангину пурҷило нишон медиҳад.

Нависанда дар офаридани симоҳои манфӣ низ дасти тавоно дорад. Дар романи «Вахш» қувваҳои бадиро Имом Тағай, Аскари Капук, Асади Сархӯр, раиси паканаи колхоз Камолов Табаралӣ, мудири хоҷагии колхоз Шаманов, нимчамулло Сангалӣ, ки бо хислатҳои пасттинатӣ, ҷоҳилӣ, бадкешӣ, носавобӣ, хуношомӣ, шаробхорагӣ, шаҳватпарастӣ аз қаҳрамонони мусбӣ фарқ доранд, намояндагӣ мекунанд. Тавассути ҷустуҷӯҳои зиёди эҷодӣ нависанда муносибатҳои зишти ононро бо табақаҳои гуногуни иҷтимоӣ бармало инъикос кардааст. Дар тасвири фазои ҳаёт ва рӯзгори ин гуна қувваҳои манфии ҷомеа ғайр аз зулму тааддӣ, худпарастӣ, ҷуз худ каси дигарро нашинохтану эҳтиром нагузоштан, молу ҷоҳпарастӣ, фисқу фуҷур чизи дигаре нест.

Муаллиф барои дар тафаккури хонанда муҷассам гардидани хислатҳои нохушоянди образҳои манфӣ аз воситаҳои гуногуни тасвири бадеӣ истифода мекунад. Чунончӣ, шайх Қаландар баъди баҳси ноҷӯр бо имом Тағай ба ҳамроҳонаш мегӯяд: «Ҳама мӯъминон бародари мӯъминанд. Мусулмоне, ки хуни ноҳақ рехт, беимон аст. Шамшери исломро бо фарҳанги ислом бояд иваз кард. Аммо ин бехабаронро лаби соғар лаби чоҳ аст! Бояд Тағай гӯши хар бифурӯшаду дигар гӯш бихарад. Чаро ки гӯши хар ҳам меҷунбад, аммо кар аст, суханро дарнаёбад». (саҳ. 69-70)

Образҳои манфии Аскари Капук, Асади Сархӯр ва мулло Сангалӣ дар асар хислатҳои хоси худро дошта, бо услуб ва маҳорати баланди чеҳранигорӣ иншо гардидаанд ва зишттарин хулқу атвори инсонӣ дар зоҳир, тинат ва амали онҳо таҷассум ёфтааст. Ин чеҳраҳои манфур ҳамеша дар ҳаракатанд ва нависанда паҳлуҳои гуногуни характери онҳоро шурӯъ аз бачагӣ такмил дода, аснои баёни воқеаҳо драмматизми баланд бунёд кардааст. Байни падар Аскари Капук ва писар Асади Сархӯр чунин як фазои зиддияти душманонаи байниҳамдигарӣ, ҳолати пуршиддате ба тасвир гирифта шудааст, ки мислашро дар асарҳои дигар адибон кам метавон дучор кард. Қуллаи баланди ин зиддият бо он анҷом мёёбад, ки Асади аз хурдӣ азобу шиканҷа ва таҳқирдида падари шаробхораашро гӯшу бинӣ бурида, бо зарбаҳои корд ба ҳалокат мерасонад, сипас даруни гӯри модараш бо се-чор халта нонҳои хушк даромада пинҳон мешавад.

Романи сегонаи «Вахш» бо забони пуробуранги бадеӣ офарида шудааст. Илова ба ин, истифодаи санъатҳои гуногуни бадеӣ, таъбирҳои халқӣ, ҳикмат, зарбулмасалу мақол, ибораҳои рехта ва шоҳбайтҳои сара забони асарро намакину пуршира гардонидааст, ки ин ба бештар айён гардидани хулқу атвори персонажҳо ва муҳити атроф мусоидат мекунад. Барои намуна:

«Як ҳафтаи расо абр чун ришта меборид ва об аз нӯги ҳар як ришта шар-шар мешорид. Осмон гӯё сӯрох гашта буд: рӯз мерехт, шаб мерехт ва сангҳо нам мекашиданду нам. Мебориду меборид, гӯё бо чалак об мерехт само ва ба қади дара мешорид он. Тиракҳои осмонбӯс зери борон оббозӣ мекарданд. Аз боло-об, аз поён-об, аз паҳлу- об, аз рӯ ба рӯ-об, обу обу об... Осмон бар сар чодари сиёҳ дошт, ҳамоно меғуррид ва аз таъсири раъду барқ қиблаву кӯҳҳо меларзиданд, бораҳо мелағжиданд ва кӯдакон дар зери кӯрпа метарсиданду об ба қади почаашон медавид...». (саҳ. 53-54)

Ҳамин тавр, нависанда дар романи сегонаи «Вахш» воқеиятро ба бадеияти баланд табдил дода, асари комилу пурарзиши ҳаётӣ офаридааст, ки он дар мавриди муҳаббат ба Ватан, худшиносӣ, худогоҳии миллӣ, зиракиву ҳушёрии ҷавонон ва тарбияи маънавии онҳо хидмати бебаҳо хоҳад кард.

***С. ҲАСАНОВ,***
***нависанда***

● Истифодаи технологияи навин-кафолати пешрафти ҷомеа

# НАЗДИКТАР НАМУДАНИ ҲАМВАТАНОН ҲАДАФИ МОСТ,

**- мегӯяд директори генералии ҶСП Tcell Мансурҷон Ҳомидов**



**Алоқаи мобилӣ аз дастоварди навини инсоният маҳсуб ёфта, бо рӯйи кор омаданаш марҳилаи нави муошират миёни одамон оғоз гардид. Ба шарофати дастгириву таваҷҷуҳи Ҳукумати ҷумҳурӣ ва фаъолияти пурмаҳсули ширкатҳои мобилӣ, ҳоло дастрасии шаҳрвандон ба ин намуди хизматрасонӣ рӯз то рӯз беҳтар мешавад. Бо назардошти муҳимияти масъалаи мазкур зимни ирсоли Паёми имсолааш ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Президенти ҷумҳурӣ Эмомалӣ Раҳмон чунин зикр карданд: «Рӯй овардан ба технологияҳои иттилоотиву коммуникатсионӣ ва татбиқи ҳар чӣ васеи онҳо дар ҷомеа яке аз ниёзмандиҳои дигари замони ҷаҳонишавӣ ба шумор меравад. Аз ин рӯ, истифодаи технологияҳои иттилоотиву коммуникатсионӣ дар самтҳои мухталифи ҳаёти ҷомеа, ташаккули ҳукумати электронӣ аз масъалаҳои муҳими замони муосир мебошад».**

**Ҷамъияти саҳомии пӯшидаи Tcell аз бонуфузтарин ширкатҳои мобилии кишвар маҳсуб ёфта, дар заминаи пешниҳоди хизматрасонии сатҳи баланд аз маҳбубияти мизоҷон бархурдор аст. Сӯҳбате, ки бо директори генералии ширкат Мансурҷон Ҳомидов доир намудем, бардоштҳои ӯро аз Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дастоварду пешравиҳои ширкатро бозгӯйӣ менамояд.**

***- Мансурҷон Мамадҷонович, Паёми Президенти ҷумҳурӣ Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳоло дар маркази диққати аҳли ҷомеа қарор дорад. Вобаста ба ин ҳуҷҷати муҳиму сарнавиштсоз мехоҳам бардоштҳоятонро иброз намоед.***

- Басо рамзист, ки Паёми имсолаи Президенти мамлакат Ҷаноби Олӣ Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли таҷлили ду санаи бузургу тақдирсози давлати Тоҷикистон, яъне бистсолагии Иҷлосияи XVI Шӯрои Олӣ ва понздаҳсолагии Рӯзи Ваҳдати миллӣ пешниҳод гардид. Имрӯз ҳар сокини Тоҷикистон бояд амиқ дарк намояд, ки маҳз ба шарофати ин рӯйдодҳои муҳими таърихӣ мардуми сарбаланди тоҷик зери роҳбарии фарзанди фарзонаи худ Эмомалӣ Раҳмон тавонист, ки аркони давлатдорию шоҳаҳои фалаҷшудаи ҳокимиятро барқарор ва пояҳои Истиқлолияти давлатии Тоҷикистонро қавӣ намоянд. Муҳимтар аз ҳама дар Ватани азизамон ваҳдати миллӣ, сулҳи пойдору суботи сиёсиву иҷтимоӣ ва фазои озоди бунёдкориву созандагӣ фароҳам омад. Бешубҳа, Паёми Роҳбари давлатамон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуҷҷати муҳиму сарнавиштсоз ва роҳнамунсоз маҳсуб меёбад.

Ҷаноби Олӣ Эмомалӣ Раҳмон дар Паёмашон басо бамаврид зикр намуданд: «Кишварҳое, ки дар татбиқи технологияҳои иттилоотиву коммуникатсионӣ ва рушди ҳукумати электронӣ ба пешравиҳои назаррас ноил гардидаанд, пеш аз ҳама, ба масъалаҳои омода намудани кадрҳои баландихтисоси ин соҳаи муҳим, рушди инфрасохтори иттилоотӣ, зина ба зина баланд бардоштани сатҳи дониши хизматчиёни давлатӣ ва татбиқи усулҳои идоракунии электронӣ диққати зарурӣ медиҳанд».

Тавре ҳамватанони мо иттилоъ доранд, чанде пеш бо мақсади баланд бардоштани сатҳи маърифати техникии табақаҳои гуногуни ҷомеа ва ҳамаҷониба татбиқ намудани технологияҳои иттилоотиву коммуникатсионӣ дар иқтисоди миллии кишвар Ҳукумати ҷумҳурӣ "Консепсияи ташаккули ҳукумати электронӣ"-ро қабул намуд. Иқдоми мазкур далели ҳамқадами замон будани мо маҳсуб меёбад. Аҳли кормандони ҶСП Tcell Паёми Роҳбари мамлакат мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро мавриди омӯзиш қарор дода, барои татбиқи самараноки нуктаҳои ба раванди фаъолият рабтдоштаи он аз тамоми имконият самаранок истифода мекунанд.

***- Айни замон шумораи муштариёни ширкат чанд нафарро ташкил медиҳад?***

- Шумораи муштариёни ширкат дар маҷмӯъ 2,3 миллион нафарро ташкил дода, 74 фоизи онҳо мунтазам фаъол маҳсуб меёбанд. Тибқи талаботи фаъолияти ширкатҳои мобилӣ, нишондиҳандаи мазкур яке аз беҳтаринҳо ба ҳисоб рафта, далели ҷавобгӯй ба талабу завқи муштариён пешниҳод гардидани хизматрасонии ширкати мо аст. Аз фаъолият бозмондани қисме аз сим-кортҳо ба майлу хоҳиши соҳибонашон вобастагӣ дорад. Ҳамчунин ҳолатҳои иваз намудани сим-корт низ миёни муштариён хеле маъмул аст. Вобаста ба ин омилҳо як миқдор сим-кортҳо ғайрифаъол боқӣ мемонанд.

> *«Кишварҳое, ки дар татбиқи технологияҳои иттилоотиву коммуникатсионӣ ва рушди ҳукумати электронӣ ба пешравиҳои назаррас ноил гардидаанд, пеш аз ҳама, ба масъалаҳои омода намудани кадрҳои баландихтисоси ин соҳаи муҳим, рушди инфрасохтори иттилоотӣ, зина ба зина баланд бардоштани сатҳи дониши хизматчиёни давлатӣ ва татбиқи усулҳои идоракунии электронӣ диққати зарурӣ медиҳанд»*
>
> *Аз Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон*
> *20 апрели соли 2012*

***- ҶСП Tcell аввалин шуда дар дурдасттарин минтақаҳои мамлакат фарогирии алоқаи мобилиро таъмин намуд. Ҳоло дар ҷумҳурӣ фарогирии алоқаи мобилии ҶСП Tcell чанд фоизро ташкил медиҳад ва барои густариши ин раванд амалӣ намудани чӣ гуна иқдом ба нақша гирифта шудааст?***

- Агар гӯям, ки фарогирии алоқаи мобилии пешниҳоднамудаи ширкат яке аз беҳтаринҳо маҳсуб меёбад, муболиға нахоҳад буд. Далели ин суханон зиёда аз 95 фоизи ҳудуди аҳолинишини ҷумҳуриро фаро гирифтани алоқаи мобилии ширкат мебошад. Шумо дуруст зикр намудед, ки ширкат аввалин шуда дар минтақаҳои дурдасту кӯҳистони мамлакат фарогирии алоқаи мобилиро таъмин намуд. Дар ҳоле ки қисми зиёди ширкатҳои мобилӣ таваҷҷуҳашонро асосан ба ҷалби муштариён дар пойтахти мамлакат ва дигар шаҳрҳо равона менамуданд. Чунин иқдоми ҶСП Tcell далели возеҳи қавӣ будани азмаш баҳри боз ҳам наздик намудани ҳамватанонамон мебошад, зеро ба шарофати ин иқдом сокинони дурдасттарин минтақаҳои кӯҳистони кишварамон имкони дастрасӣ ба алоқаи мобилиро пайдо намуданд. Мо аз дастовардҳоямон дар ин ҷода қаноат накарда, минбаъд низ фаъолиятамонро дар ин самт вусъат диҳем. Тасмим гирифтем, ки фарогирии алоқаи мобилиро дар ВМКБ ва шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ густариш бахшида, ҳамзамон шароит фароҳам орем, ки баҳраварӣ аз хизматрасонии стандартии 3G барои муштариёни ширкат қулайтар ва осон гардад. Ҳамчунин корҳо барои боз ҳам беҳбудӣ бахшидани сатҳу сифати пешниҳоди хизматрасонӣ дар вилоятҳои Хатлон ва Суғд вусъат меёбад.

***- Баъзе коршиносон ба ин назаранд: дар ширкатҳое, ки саҳмдори асосиашон ташкилоту ширкатҳои хориҷианд, қисми зиёди кормандонашонро шаҳрвандони хориҷӣ ташкил медиҳанд. Дар ҶСП Tcell ин таносуб чӣ гуна аст?***

- Саравал бояд зикр намоям, ки муассиси асосии ҶСП Tcell холдинги TeliaSonera кормандон ва малакаи онҳоро яке аз омилҳои асосии пешрафти худ эътироф намуда, ҳамзамон баҳри фаъолияти самараноки онҳо тамоми шароитро муҳайё намудааст. Айни замон дар ширкат ҳамагӣ се нафар шаҳрвандони хориҷӣ фаъолият доранд, ки мутаносибан ба шумораи умумии кормандон ҳамагӣ як фоизро ташкил медиҳад, яъне қисмати азими кормандонро сокинони маҳаллӣ ташкил медиҳанд.

***-Тӯли якчанд сол инҷониб Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ширкати ҶСП Tcell-ро андозсупорандаи беҳтарин эълон менамояд. Аз рӯйи кадом талабот ширкат ҳамчун андозсупорандаи беҳтарин эътироф ва қадрдонӣ шудааст?***

- Комиссияи босалоҳияти Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи нӯҳ талабот, ки ҳаҷми андозҳо, мӯҳлати пардохти онҳо, дурустии ҳисоббаробаркуниҳо, афзоиши ҳаҷми пардохти андозҳо дар муқоиса ба соли пешин аз он ҷумла мебошанд, 12 январи соли ҷорӣ ширкатро «Андозсупорандаи беҳтарини сол» эътироф намуда, бо ҷоизаи махсус қадрдонӣ намуд. ҶСП Tcell маротибаи сеюм аст, ки сазовори чунин унвон мегардад.

Омили мазкур далели саҳми босазои ширкат дар ғановати буҷети давлат маҳсуб ёфта, мо бо истифода аз тамоми имкониятҳои мавҷуда кӯшиш хоҳем намуд, ки фаъолиятамонро дар ин самт густариш диҳем. Соли гузашта ширкат ба Буҷети давлатӣ зиёда аз 230 миллион сомонӣ маблағи андозҳо пардохт намудааст.

***- Фаъолияти эҳсонкории ширкат чӣ гуна аст?***

- Масъалаи мазкур аз самтҳои афзалиятноки фаъолияти ширкат буда, иқдомоти мо дар ин бахш беш аз пеш вусъат меёбад. Маблағгузорӣ дар бунёди қасри варзиш дар шаҳри Душанбе барои 2,5 ҳазор ҷойи нишаст, дастрас намудани маҷмӯи таҷҳизоти замонавии тиббӣ ба беморхонаи шаҳри Хоруғ, дастгирии мунтазами табақаҳои эҳтиёҷманди аҳолӣ, маблағгузории чорабиниҳои варзишиву фарҳангӣ ва ғайра аз ҷумлаи иқдомоти амалинамудаи мо дар ин ҷода мебошад. Дар маҷмӯъ, бо ин мақсад аз ҷониби ширкат соли 2011 зиёда аз 1,1 миллион сомонӣ сарф шудааст.

***- Айни замон талаботи шаҳрвандон ба хизматрасонии роуминг тамоюли афзоиш касб намудааст. ҶСП Tcell мутааллиқи ширкати Telia Sonera буда он дар қисме аз давлатҳои олам соҳиби ширкатҳои мобилӣ мебошад. Табиист, ки ин намуд хизматрасонӣ аз лиҳози нарху сифат, дар муқоиса бо дигар ширкатҳои мобилии ҷумҳурӣ, тафовут дорад...***

- Дуруст гуфтед. Айни замон дар радифи рушди ҳама бахшҳои ҷомеа талаботи инсонҳо низ дигаргун гашта, шаклу моҳияти нав касб намудааст. Масалан, чанд сол пештар дастрасӣ ба хизматрасонии роуминг бинобар арзиши гаронаш на ба ҳама дастрас буд. Хурсандиовар аст, ки дар заминаи фаъолияти ширкатҳои мобилӣ ва рақобат миёни онҳо нархи ин намуди хизматрасонӣ давоми чанд соли охир хеле коҳиш ёфтааст. Алъон ҶСП Tcell барои муштариёни худ дар 119 мамлакати олам тариқи 329 оператор роуминг ва дар 78 кишвари дунё ба воситаи 187 оператор GPRS - роумингро пешниҳод менамояд. Табиист, ки бо назардошти омилҳои дар боло зикргардида нархи хизматрасонии ширкат ба ин намуди алоқаи мобилӣ нисбатан арзонтар аст.

*Далери АБДУЛЛО, «Садои мардум»*

## КОРХОНАИ ВОҲИДИ ДАВЛАТӢ ОИД БА ТАШКИЛИ ФУРӮШИ АМВОЛИ ДАВЛАТИИ КУМИТАИ ДАВЛАТИИ САРМОЯГУЗОРӢ ВА ИДОРАИ АМВОЛИ ДАВЛАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**19 июли соли 2012 музоядаи №14-ро оид ба фурӯши воситаҳои нақлиёти қаблан истифодашуда баргузор менамояд**

| т/р | Мансубият | Тамға | Соли барориш | Рақами давлатӣ | Нархи ибтидоӣ (бо сомонӣ) |
|---|---|---|---|---|---|
| 1 | Комиссияи марказии интихобот ва раъйпурсии Ҷумҳурии Тоҷикистон | ГАЗ-3102311 | 2003 | 138 TJ 01 | 7963 |
| 2 | Хадамоти назорати давлатии фитосанитарӣ ва карантини растанӣ | ГАЗ-САЗ-3507 | 1987 | 33-26 ЛБМ | 1860 |
| 3 | | Москвич ИЖ-2715-01 | 1991 | 21-73 А 02 РТ | 1335 |
| 4 | | Москвич ИЖ-2715-01 | 1991 | 84-93 А 02 РТ | 1335 |
| 5 | | Москвич ИЖ-2715-011 | 1990 | 57-28 А 02 РТ | 1207 |
| 6 | | Москвич-412 | 1988 | 04-13 В 02 РТ | 2250 |
| 7 | | РАФ-220306 | 1988 | 66-80 А 02 РТ | 4296 |
| 8 | Корхонаи давлатии «Востокредмет» | А/кран СМК-7м | 1985 | 50-24 А 02 РТ | 4507 |
| 9 | | А/М МШТС-4м | 1986 | 20-14 ЛБЛ | 4334 |
| 10 | | А/рефж-ор Газ-5204 | 1986 | 20-40 ЛБМ | 2330 |
| 11 | | Автобус Т-3205 | 1993 | 50-69 А 02 РТ | 3888 |
| 12 | | Раф-22031 | 1990 | 44-17 А 02 РТ | 1389 |
| 13 | | ИЖ-2715 | 1991 | 50-51 А 02 РТ | 1147 |
| 14 | МНА- 4 ноҳияи Ҷаббор Расулов | КАМАЗ-5511 | 1987 | 16-66 ЛБЛ | 4640 |
| 15 | | КАМАЗ-5511 | 1985 | 16-63 ЛБЛ | 4653 |
| 16 | | КАМАЗ-5511 | 1985 | 16-62 ЛБЛ | 4653 |
| 17 | | КАМАЗ - 5511 | 1984 | 02-50 ЛБЛ | 4648 |
| 18 | | КАМАЗ – 5511 | 1986 | 39-21 ЛБЛ | 4626 |
| 19 | | ЗИЛ-ММЗ-45021 | 1987 | 49-02 А 02 РТ | 1263 |
| 20 | | ГАЗ-53 | 1985 | 34-86 А 02 РТ | 1073 |
| 21 | | МАЗ-5549 | 1986 | 04-57 А 02 РТ | 1896 |

Қабули дархостҳо барои иштирок кардан дар савдо ва ба қайд гирифтани иштироккунандагон аз рӯзи нашр шудани эълони мазкур дар шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 44 оғоз ёфта ва як соат пеш аз саршавии музояда анҷом меёбад.

Ҷойи баргузоршавии музояда- **ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 44, тел: 221-16-14, 221-49-87, 221-73-74, ш. Хуҷанд, кӯчаи Ленин 47/1, тел: 927964016.**

Фурӯш бо усули ***англисӣ*** сурат мегирад. Музояда **соати $10^{00}$** баргузор мегардад.

Пардохти кафолатнок барои иштирок кардан дар музояда барои воситаҳои нақлиёт ба 15 нишондиҳанда барои ҳисобҳо барои як лот баробар аст. Пардохти кафолатнок тариқи нақдӣ ба кассаи Корхона ё ғайринақдӣ ба суратҳисоби Корхона супорида мешавад.

Дар ҳолати ғолиб баромадан, Харидор ба ҳисоби Фурӯшанда ба миқдори панҷ фоиз маблағи комиссионӣ ва 0,5 фоиз боҷи давлатӣ аз арзиши фурӯши иншоот месупорад, ки он ба нархи фурӯши лот дохил намешавад.

Ғолиби музояда он касе дониста мешавад, ки нархи аз ҳама баландро пешниҳод менамояд.

Маълумоти иловагиро оиди гузаронидани музояда бо нишонии зерин: **ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 44, тел: 221-16-14, 221-49-87, 221-73-74, ш. Хуҷанд, кӯчаи Ленин 47/1, тел: 927964016,** сомонаи интернетии Корхонаи воҳиди давлатӣ оид ба ташкили фурӯши амволи давлатӣ: **WWW.muzoyada-kvd.tj** ва сомонаи интернетии Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон: **WWW. GKI.TJ** гирифтан мумкин аст.

## ГОСУДАРСТВЕННОЕ УНИТАРНОЕ ПРЕДПРИЯТИЕ ПО ОРГАНИЗАЦИИ ПРОДАЖ ГОСУДАРСТВЕННОГО ИМУЩЕСТВА ГОСУДАРСТВЕННОГО КОМИТЕТА ПО ИНВЕСТИЦИЯМ И УПРАВЛЕНИЮ ГОСУДАРСТВЕННЫМ ИМУЩЕСТВОМ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

**19 июля 2012 года проводит аукцион №14 по продаже транспортных средств, ранее бывших в употреблении**

| п/н | Принадлежность | Марка | Год выпуска | Гос. номер | Стартовая стоимость (в сомони) |
|---|---|---|---|---|---|
| 1 | Центральная избирательная комиссия по выборам и референдумам Республики Таджикистан | ГАЗ-3102311 | 2003 | 138 TJ 01 | 7963 |
| 2 | Служба государственного контроля по фитосанитарии и карантин растения | ГАЗ-САЗ-3507 | 1987 | 33-26 ЛБМ | 1860 |
| 3 | | Москвич ИЖ-2715-01 | 1991 | 21-73 А 02 РТ | 1335 |
| 4 | | Москвич ИЖ-2715-01 | 1991 | 84-93 А 02 РТ | 1335 |
| 5 | | Москвич ИЖ-2715-011 | 1990 | 57-28 А 02 РТ | 1207 |
| 6 | | Москвич-412 | 1988 | 04-13 В 02 РТ | 2250 |
| 7 | | РАФ-220306 | 1988 | 66-80 А 02 РТ | 4296 |
| 8 | Государственное предприятие «Востокредмет» | А/кран СМК-7м | 1985 | 50-24 А 02 РТ | 4507 |
| 9 | | А/М МШТС-4м | 1986 | 20-14 ЛБЛ | 4334 |
| 10 | | А/рефж-ор Газ-5204 | 1986 | 20-40 ЛБМ | 2330 |
| 11 | | Автобус Т-3205 | 1993 | 50-69 А 02 РТ | 3888 |
| 12 | | Раф-22031 | 1990 | 44-17 А 02 РТ | 1389 |
| 13 | | ИЖ-2715 | 1991 | 50-51 А 02 РТ | 1147 |
| 14 | АТП- 4 Джаббор Расуловского района | КАМАЗ-5511 | 1987 | 16-66 ЛБЛ | 4640 |
| 15 | | КАМАЗ-5511 | 1985 | 16-63 ЛБЛ | 4653 |
| 16 | | КАМАЗ-5511 | 1985 | 16-62 ЛБЛ | 4653 |
| 17 | | КАМАЗ - 5511 | 1984 | 02-50 ЛБЛ | 4648 |
| 18 | | КАМАЗ – 5511 | 1986 | 39-21 ЛБЛ | 4626 |
| 19 | | ЗИЛ-ММЗ-45021 | 1987 | 49-02 А 02 РТ | 1263 |
| 20 | | ГАЗ-53 | 1985 | 34-86 А 02 РТ | 1073 |
| 21 | | МАЗ-5549 | 1986 | 04-57 А 02 РТ | 1896 |

Приём заявок на участия в аукционе производится со дня опубликования информационного сообщения и заканчивается за час до начала аукциона по адресу: **г. Душанбе, пр. Рудаки 44, тел: 221-16-14, 221-49-87, 221-73-74, г. Худжанд, ул. Ленина 47/1, тел: 927964016.**

Метод проведения: ***английский.*** Время проведения 1**$0^{00}$ часов.**

Гарантийный взнос для участия в аукционе равен 15 показателям для расчетов за один лот и принимается наличными в кассу Предприятия или безналичными на расчетный счет ГУП по организации продаж государственного имущества. В случае победы на аукционе, Покупатель вносит на счет Продавца комиссионный сбор в размере 5% и госдурственную пошлину в размере 0,5% от цены продажи, который не включается в цену продажи лота. Победителем аукциона признаётся участник, предложивший наиболее высокую цену.

Дополнительную информацию можете получить по адресу: **г. Душанбе, пр. Рудаки 44, тел: 221-16-14, 221-49-87, 221-73-74, г. Худжанд, ул. Ленина 47/1, тел: 927964016**, на сайте Государственного унитарного предприятия по организации продаж государственного имущества **WWW.muzoyada-kvd.tj** и на сайте Государственного комитета по инвестициям и управлению государственным имуществом Республики Таджикистан **WWW. GKI.TJ**

● 3 июл - Рӯзи кормандони БДА



Қумондони гурӯҳи 5-уми Раёсати хадамоти роҳбонии давлатии ШБДА РВКД дар шаҳри Душанбе, капитани милитсия Саидбег Шоҳмаҳмадов 18 сол мешавад, ки дар ин мақомот фаъолият дорад.

Ӯ ва ҳамкоронаш дар таъмини бехатарии ҳаракат дар роҳ ва кӯчаю хиёбонҳои шаҳри Душанбе саҳми арзанда дошта, доимо кӯшиш ба харҷ медиҳанд, ки ҳодисаҳои роҳу нақлиёт кам гарданд.

Ҳайати шахсии гурӯҳ солгарди таъсисёбии БДА-ро бо натиҷаҳои баланд пешвоз гирифта, дастуру супоришҳоро сари вақт ба иҷро мерасонанд.

***Дар сурат: қумондони гурӯҳи 5-уми РХРД ШБДА РВКД дар шаҳри Душанбе, капитани милитсия С.Шоҳмаҳмадов.***

*Суратгир А.ИСОЕВ*

## ДАР РОҒУН БА ИСТИРОҲАТИ МАКТАБИЁНИ ХУРДСОЛ АҲАМИЯТИ ҶИДДӢ МЕДИҲАНД

Бо мақсади татбиқи амалии Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ташкили истироҳати тобистонаи кӯдакон ва наврасон дар соли 2012» аз 3 декабри соли 2011 таҳти рақами 581 ва дар ин замина бо қарори раиси шаҳри Роғун аз 12 январи соли 2012 таҳти № 16 ва ташаббуси шӯъбаи маорифи шаҳр бо мақсади хушу гуворо гузаронидани таътили тобистона дар назди мактабҳои таҳсилоти миёнаи умумии рақамҳои 1, 2, 3, 4 ва 5, ки дорои шароити хуб, аз қабили ҷойи хоб, ошхона, оби тозаи нӯшокӣ ва майдонҳои варзишӣ мебошанд, лагерҳои солимгардониву фароғатӣ ташкил шуд.

Ба ин лагерҳо 175 нафар хонандагони синфҳои якуму дуюм ва сеюм, асосан аз оилаҳои бепарастору камбизоат, ҷалб шуданд. Бо мақсади дар сатҳи баланди ташкилӣ доир намудани истироҳати мактаббачагон дар лагерҳои фароғатии наздимактабӣ аз буҷети маҳаллӣ 13 ҳазору 332 сомонӣ ҷудо шудааст. Истироҳаткунандагон давоми 18 рӯз дар лагер фароғат мекунанд. Ба онҳо мураббияҳои соҳибтаҷриба аз рӯйи барномаҳои таълимии омоданамудаи Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон машғулият мегузаронанд.

*Абдуҳосил ТАБАРОВ, шаҳри Роғун*

## БЮЛЛЕТЕНИ ХАРИДИ ДАВЛАТӢ

### БА ТАВАҶҶУҲИ МОЛРАСОНУ ПУДРАТЧИЁН!

### ДАЪВАТНОМАИ ИШТИРОК ДАР ОЗМУНИ ХАРИД

Комиссияҳои муштараки озмуни хариди **Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон** (минбаъд - мақомоти Ваколатдор, суроға: **Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Шота Руставели 22, тел: 221-47-03, 223-11-80**) ва ташкилотҳои Харидор довталабони салоҳиятдорро барои иштирок дар озмунҳои хариди номгӯйи зерини мол, кор ва хизматрасонӣ, ки дар як давр гузаронида мешаванд, даъват менамоянд:

| № ДИО | Ташкилоти Харидор | Ному насаб ва телефони шахси масъул | Предмети харид | Воҳиди ченак | Миқдор | Сана ва вақти кушодани лифофаҳо |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 1913/1-858 | Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон | Ҷ.Ятимов 227-66-60 | Кондитсионер MST-09 Кондитсионер MST-12 | адад адад | 37 12 | 12.07.2012 соати $9^{00}$ |
| 1914/1-859 | Клиникаи Пажӯҳишгоҳи илмию тадқиқотии акушерӣ, гинекологӣ ва перинатологии Вазорати тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон | Ҷ.Ятимов 227-66-60 | Молҳои гуногун | номгӯй | 5 | 23.07.2012 соати $9^{30}$ |
| 1915/1-860 | Маркази миллии тиббии Вазорати тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон | Ҷ.Ятимов 227-66-60 | Маводи хӯрока | номгӯй | 23 | 12.07.2012 соати $10^{00}$ |
| 1916/1-861 | Сарраёсати Қӯшунҳои сарҳадии Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон | Ҷ.Ятимов 227-66-60 | Сӯзишвории дизелӣ Л-62 | сомонӣ | 65300 | 12.07.2012 соати $10^{30}$ |
| 1917/2-565 | Беморхонаи клиникии шаҳрии №3, шаҳри Душанбе | Ф.Абдураҳмонов 227-65-78 | Доруворӣ | номгӯй | 128 | 12.07.2012 соати $9^{20}$ |
| 1918/2-566 | Беморхонаи клиникии шаҳрии №3, шаҳри Душанбе | Ф.Абдураҳмонов 227-65-78 | Маводи хӯрока | номгӯй | 17 | 12.07.2012 соати $10^{45}$ |
| 1919/3-451 | Мактаби таҳсилоти миёнаи умумии №45, шаҳри Душанбе | Х.Исмоилов 227-04-75 | Таъмири мактаб | тибқи санади нуқсонӣ | | 12.07.2012 соати $9^{00}$ |
| 1796/3-422 | Мактаби таҳсилоти миёнаи умумии №76, шаҳри Душанбе | Х.Исмоилов 227-04-75 | Таъмири ҷории роҳравҳо ва беруни бинои мактаб | тибқи санади нуқсонӣ | | 12.07.2012 соати $9^{30}$ |

1. Довталабон барои гирифтани ҳуҷҷатҳои тендерӣ ва маълумоти иловагӣ дар бораи тендер метавонанд ба мақомоти Ваколатдор ба суроғаи дар боло зикршуда мурочиат намоянд.

2. Довталабоне, ки хоҳиши дар озмун иштирок кардан доранд, баъди супоридани ҳаққи бебозгашт, ҳуҷҷатҳои тендерии худро дар лифофаҳои мӯҳркардашуда, ба суроғаи дар боло зикршуда то вақти дар сутуни «**Сана ва вақти кушодани лифофаҳо**» муайяншуда пешниҳод намоянд. Мӯҳлати муқарраршуда мӯҳлатест, ки баъди анҷоми вақт аз довталабон пешниҳодот қабул карда намешавад.

3. Лифофаҳо бо пешниҳодоти довталабон аз ҷониби комиссияҳои муштарак, тибқи тартиби муқарраргардида, кушода мешаванд. Намояндагони довталабон ҳуқуқ доранд, ки дар раванди озмун иштирок намоянд.

### ЭЪТИБОР НАДОРАД

➢Шиносномаи техникии №24212-и гумшуда, ки онро КФББТ-и шаҳри Душанбе бо суроғаи кӯчаи Яка-Чинарская, бинои 150/2, ҳуҷраи 18-и ноҳияи Синои шаҳри Душанбе соли 1994 ба Рахимов Абдулло Нуридинович додааст, эътибор надорад.

➢Шиносномаи техникии № 3964-и гумшуда, ки онро КФББТ-и шаҳри Душанбе бо суроғаи кӯчаи Ҳ. Ахрорӣ 42, (собиқ Красноармейская)-и ноҳияи И. Сомонии шаҳри Душанбе 20 июли соли 1982 ба Умарова Сайрам додааст, эътибор надорад.

➢ Шаҳодатномаи бақайдгирии №3948-и гумшуда, ки онро КФББТ-и шаҳри Душанбе бо суроғаи кӯчаи Ҳ. Аҳрорӣ 42 (собиқ Красноармейский)-и ноҳияи И. Сомонии шаҳри Душанбе 23 майи соли 1966 ба Умарова Сайрам додааст, эътибор надорад.

➢Шаҳодатномаи хариду фурӯши бинои мағозаи №22-и гумшуда, ки онро Идораи нотариалии давлатии шаҳри Ваҳдат таҳти феҳристи 11р-221 бо суроғаи деҳаи Гулобод, Ҷамоати деҳоти Б. Бурунов 24 феврали соли 2006 ба Азизов Аваз Нусратович додааст, эътибор надорад.

➢Номаи камоли № 0220474-и гумшуда, ки онро мактаби таҳсилоти миёнаи умумии №64-и ноҳияи Рӯдакӣ соли 2009 ба Ҳалимова Бибигул Бомуродовна додааст, эътибор надорад.

➢Патенти №0102197-и гумшуда, ки онро Нозироти андози шаҳри Кӯлоб соли 2010 ба Наҷмиддини Зайниддин додааст, эътибор надорад.

### БАРҲАМ МЕХӮРАД

➢ҶДММ «Солор», воқеъ дар кӯчаи Попов 29-и ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе, ки дорои Шаҳодатномаи бақайдгирии давлатии № 0178983 бо РЯМ 0110013145 ва РМА 010087118 мебошад ва онро Нозироти андози ноҳияи Шоҳмансур 24 июни соли 2011 додааст, фаъолияташро қатъ мекунад.

Ҳама арзу шикоят давоми ду моҳ қабул карда мешавад.

Роҳбарият ва кормандони Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба судяи дар истеъфобудаи Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон Назришо Эмомов бинобар даргузашти

**МОДАРАШ**

изҳори ҳамдардӣ намуда, ба ӯ ва наздикону пайвандонаш аз даргоҳи Худованд сабри ҷамил хоҳонанд.

Конститутсия-кафолати рушди ҷомеаи адолатпарвар ва волоияти қонун
Садои МАРДУМ

САРМУҲАРРИР
Ҷумъахон НАБОТОВ

«САДОИ МАРДУМ» - ба забони тоҷикӣ.
Муассис - Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Рӯзнома ба тарзи офсет дар КВД КТН «Шарқи озод», хиёбони Саъдии Шерозӣ 16, чоп шудааст.

ИНДЕКСИ ОБУНА - 68852

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ:
Неъматулло Солеҳов, Абдулмаҷид Муродов, Аъзам Мӯсоев, Тилло Неккадамов, Далер Мерганов, Бурҳониддин Каримов

Дар «Садои мардум» ба хотири чандандешагӣ матолибе низ нашр мешавад, ки идораи рӯзнома зимнан метавонад бо муаллифон ҳамақида набошад ва масъулияти онро ба дӯш нагирад. Ҳаҷми мавод (ғайр аз мақолаҳои расмӣ ва супоришӣ) бояд аз шаш саҳифаи дуинтервалӣ зиёд набошад. Дастнависҳо ва суратҳо ба муаллифон пас гардонида намешавад.

НИШОНИИ МО: ш.Душанбе, хиёбони Саъдии Шерозӣ 16. ТЕЛЕФОНҲО: қабулгоҳ - 238-53-71; Сармуҳаррир -238-56-03, факс- 221-36-04; муовини якум, роҳбари шабакаи мухбирони махсус- 238-53-56; муовин - 238-54-52 ; котиби масъул - 238-59-32; муҳаррири шӯъбаи иқтисодиёт ва иҷтимоиёт - 238-58-95; муҳаррири шӯъбаи сохтори давлатӣ, қонунгузорӣ ва тартиботи ҳуқуқӣ - 238-52-97; шӯъбаи маънавиёт, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва низоми кор - 238-58-93; муҳаррири шӯъбаи номаҳо, ахбор, муносибатҳои байнипарлумонӣ ва робита бо ҷомеа - 238-58-91; муҳосиб - 238-53-49; шӯъбаи эълон -238-54-57; мухбирони махсус дар Хуҷанд - 91-700-48-02, ВМКБ - 93-592-70-46, Қӯрғонтеппа - 91-931-11-61, Кӯлоб - 95-166-90-72, Истаравшан 2-61-08. ПОЧТАИ ЭЛЕКТРОНИИ МО: sadoimardum@yandex.ru

Рӯзномаи «Садои мардум» 29 октябри соли 2010 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав сабти ном шуд. Рақами қайд 0005/рз

Ба чопаш 02 июли соли 2012, соати 17.30 иҷозат дода шуд. Адади нашр 24137 нусха

Навбатдори шумора М. Нуралиев

Тарроҳи компютерӣ И. Самохин